ЧӢ САОДАТ АЗИЗОВАРО БА ФАРРОШӢ ВОДОР КАРД? с.13
ЧӢ ТАВР АКТЁРИ ТОҶИК ҶОСУС ШУД? с.11
УТОҚИ ЗӮРОВАРОН ДАР ХУҶАНД с.6

ТОҶИКИСТОН
№42 (1553)
18.10.23
~ Рӯзнома зиёд, «Тоҷикистон» якҷост! ~



АЗ ҲУШДОР ТО АМНИЯТ

Сафари вазири дифои Эрон ба Тоҷикистон



М.О.О. Group
СЕБИСТОН-2018
— ШИРКАТИ СОХТМОНӢ —

АЗ АРЗИШИ УМУМӢ 30% ПЕШПАРДОХТ,
ПАРДОХТИ МАБЛАҒИ БОҚИМОНДА АЗ 3 ТО 5 СОЛ



Моликияти МБИ "АҲРОРӢ":

- Биноҳои 8 ва 9-ошёна, 10 блок;
- Дар ҳар як ошёна аз 1 то 6 квартира;
- Хонаҳои боҳашаммати иборат аз 63 м2 то 608 м2;
- Баландии шифти квартираҳо 4 метр;
- Фасадҳои нахи бетонӣ бо изолятсияи гармидиҳӣ;
- Амният ва назорати видеой бо назорати дастрасӣ;
- Лобби барои интизории меҳмонон;
- Ҳавлиҳои пӯшидаи муҳофизатшавандаи бидуни мошин;
- 2 ошёнаи таваққуфгоҳ;
- СПА;
- Маркази фитнес;
- Ҳавз;
- Мағозаҳо бо брендҳои ҷаҳонӣ;
- Фасади мағоза аз гранит;
- Лифтҳои алоҳида барои мағозаҳо;
- 80% майдони сабз;
- Имконият барои сайругашт дар наздикии боғи "Истиқлол";
- Масҷиди марказӣ;
- Аквапарки "Обшорон".

Маҷмааи биноҳои истиқоматӣ, иборат аз блокҳои А Б В Г Д Е Ж З И К, бо ҷойгир кардани марказҳои савдо ва хизматрасонӣ дар ошёнаҳои якум ва таваққуфгоҳ, бунёди кӯдакистони хусусӣ барои 250 ҷой дар кӯчаи Ҳабиб Аҳрорӣ, ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе.

ТЕЛЕФОНИ ШУЪБАИ ФУРӮШ: +992 200-00-00-00 | +992 00-277-44-33

ДАР ИН ШУМОРА:

ДАЪВАТ БА ОТАШБАС
Тоҷикистон ҳамлаи Исроилро ба бемористони Фаластин маҳкум кард! с.3

ЛИМИТ ДАР ТОҶИКИСТОН
Ва афзоиши содироти барқ ба хориҷа с.6

КАНАЛИ ТОЛИБОН
Ва хатари норасоии об дар Осиёи Марказӣ с.4

МУҲАММАД ҶАЪФАРИ ЁҲАҚӢ
Ман Фирдавсӣ ҳастам! с.9

“ТОҶИ СОМОН”
Нахустин синамобазми байналмилалии Душанбе с.5

ҒОРАТИ 200 БАНКОМАТ
“Эсхата” 600 ҳазор зарар дид, “Спитаменбонк” чӣ? с. 11

ВАРЗИШ
Пирӯзии Тоҷикистон дар мусобиқаи байналмилалӣ с. 10

ҲАЙАТИ МУШОВАРА

Шариф ҲАМДАМПУР,
Сармуҳаррир,
раиси ҳайати мушовара

Усмон РАҲИМЗОДА,
муовини сармуҳаррир

Одил НОЗИР,
муҳаррир

Талбак НАЗАРОВ,
раиси "Сандуқи хайрияи Тоҷикистон", академик

Фарҳод РАҲИМӢ,
Президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, академик

Шералӣ КАБИР,
вазири саноат ва технологияҳои нави Тоҷикистон

Саидмукаррам АБДУЛҚОДИРЗОДА,
раиси Шӯрои уламои Тоҷикистон

Масъуди МИРШОҲӢ,
раиси Бунёди Рӯдакӣ (Фаронса)

Қозидавлат ҚОИМДОДОВ,
сиёсатмадор

Адаш ИСТАД,
нависанда (Узбекистон)

Ҳафиз РАҲМОН,
адабиётшинос

Иноят ИНОЯТОВ,
ҳуқуқшинос

Фазлиддин АСОЗОДА,
муҳаррири сомонаи Pressa.tj

Умед СУЛТОНОВ,
саҳифабанд

МУАССИС:
Ҳайати кормандони ҳафтанома

Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №0054/РЗ сабти ном шудааст.
Дар ҳафтанома матолибе низ ба нашр мерасанд, ки ба мавқеи идора мувофиқ нестанд. Барои дар дигар нашрияҳо чоп намудани матолиб ва иқтибосҳо аз «Тоҷикистон» зикри манбаъ ҳатмист. Ҳуқуқи муаллифии ҳамаи матолиби шумора ба идораи ҳафтаномаи «Тоҷикистон» тааллуқ доранд ва тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ ҳифз карда мешаванд. Ҳафтанома аксҳо ва маводҳои ҷолибро аз шабакаи Интернет мавриди истифода қарор медиҳад. Ҳафтанома масъулияти маводҳои интиқодӣ ва хусусияти таблиғотиро ба дӯш надорад. Инчунин, ба мазмун ва санаду рақамҳои маводи чопшуда муаллифон ҷавобгаранд.

ТЕЛЕФОНИ ИДОРА:
221-00-84,
227-19-95
tojikiston@pressa.tj

ШУЪБАИ ЭЛОН ВА РЕКЛАМА
ш. Душанбе, хиёбони С. Шерозӣ 16
238-78-78, 44 640-99-88,
238-61-61
ads@rg.tj

ОБУНА ВА ФУРӮШИ РӮЗНОМАҲО
918-66-82-64,
221-41-11

КУМАКИ ТОҶИКИСТОН БА АФҒОНИСТОН

Бо дастури Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон ба мардуми аз заминларза зардидаи Афғонистон кумаки башардӯстона фиристода шуд.

Кумаки башардӯстона аз либосу пойафзоли зимистона, маводи хӯрока, масолеҳи сохтмонӣ, хайма, рӯйпӯшҳои зимистона, оби нӯшокӣ ва дигар ашёи барои зиндагӣ зарур иборат аст.

Кумаки башардӯстона ба мардуми аз офати табиӣ зардидаи Афғонистон тавассути 130 мошини боркашонӣ ба Афғонистон интиқол дода мешавад.

БО ДАСТУРИ ҲУКУМАТ АНДОЗАИ БУҶЕТ ЗИЁД МЕШАВАД

Бо дастури Ҳукумати Тоҷикистон қисми даромад ва хароҷоти буҷети ҷумҳуриявӣ барои соли 2023 ба маблағи 1 млрд сомонӣ бе тағйир додани андозаи касри буҷет зиёд карда мешавад.

Дар ин бора қарори дахлдор имзо шудааст. Дар санад гуфта мешавад, ки қисмати даромади буҷети ҷумҳуриявӣ аз ҳисоби воридоти маблағҳо аз пардохти андоз ва боҷҳои гумрукӣ зиёд мешавад.

Кумитаи андоз ба ҷамъ овардани 400 млн сомонии иловагӣ аз ҳисоби пардохтҳои зерин уҳдадор мешавад:

- андоз аз даромад - 135 млн сомонӣ;

- андоз аз арзиши иловашуда (дохилӣ) - 155 млн сомонӣ;

- аксизҳо (дохилӣ) - 30 млн сомонӣ;

- андозҳо барои захираҳои табиӣ - 30 млн сомонӣ;

- воридоти ғайриандозӣ - 50 млн сомонӣ.

Хадамоти гумрук воридоти маблағҳоро ба буҷет иловатан 600 млн сомонӣ зиёд мекунад. Аз ҷумла, аз ҳисоби:

- андоз аз арзиши иловашуда (берунӣ) - 300 млн сомонӣ;

- аксизҳо (берунӣ) - 100 млн сомонӣ;

- боҷҳои гумрукӣ - 200 млн сомонӣ.

Дар санад пешбинӣ шудааст, ки пулҳои ҷамъшуда барои маблағгузории иловагӣ ба соҳаву бахш ва самтҳои зерин равона карда шаванд:

- бахши ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ - 33 млн 146 ҳазор сомонӣ;

- мудофиа - 340 млн сомонӣ;

- мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва тартиботи ҳуқуқӣ - 4 млн 500 ҳазор сомонӣ;

- маориф - 66 млн сомонӣ;

- тандурустӣ - 26 млн сомонӣ;

- фарҳанг ва варзиш - 24 млн 104 ҳазор сомонӣ;

- комплекси сӯзишворию энергетикӣ - 506 млн 250 ҳазор сомонӣ.

РЕКТОР: ГУРУҲҲОИ БУҶАВИРО ЗИЁД МЕКУНЕМ

Аҳлиддин Ибодуллозода, ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ талош дорад, ки гуруҳҳои буҷавии равияи омӯзгорӣ бештар шаванд.

Номбурда зимни як ҷаласаи корӣ бо иштироки муовинони ректор, деканони факултетҳо ва сардорони шуъбаҳо дар ин бора изҳори назар намудааст.

"Дар ҷаласа ректор масъалаҳои назорати донишҷӯёне, ки то ҳол ба дарсҳо дер меоянд, ҳолати ҳозиршавии таҷрибаомӯзон тибқи роҳхат ба мактабҳо, инчунин назорати донишҷӯёне, ки буҷавӣ ва тибқи Квотаи Президент таҳсил менамоянд мавриди баррасӣ қарор дод",- иттилоъ доданд аз донишгоҳ ба Pressa.tj.

Ректори донишгоҳ масъулинро вазифадор намуд, ки дар оянда шумораи қабул ба ҷойҳои буҷавӣ дар ихтисосҳои равияи омӯзгорӣ бештар ба нақша гиранд.



Малика Ҳасанова, донишҷӯи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

ДОНИШҶӮИ ТОҶИК СОҲИБИ ҶОИЗАИ "ЛИДЕР СНГ» ШУД

Малика Ҳасанова, донишҷӯи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон соҳиби ҷоиза дар озмуни "Лидер СНГ" гардид.

Озмуни мазкур дар шаҳри Тошканди Ӯзбекистон доир шуда, дар он донишҷӯи курси 3-юми факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иштирок кардаву соҳиби ҷоиза шуд. Малика Ҳасанова тавассути дониш ва зарфиятҳои илмии худ ба фонди ҷоизаҳои байналмилалии донишгоҳ як дастоварди муҳим ворид намуд.

Ёдовар мешавем, ки ҳамасола ин озмун байни давлатҳои мустақил баргузор мегардад.

САРИ САБЗ



Саттор ҚУВВАТОВ, омӯзгори Мактаб-интернати ҷумҳуриявии кӯдакони ношунаво

- Мушкилоти шахсони ношунаво бениҳоят зиёд аст. Аввалан онҳоро дар ташкилоту корхонаҳо ба кор қабул намекунанд. Дигар ин ки, дар мо тарҷумонҳои имову ишора нест, ки ба онҳо ройгон хизмат кунад.

- Мушкилоти шахсони ношунаво дарди ба хайр. Дар ташкилоту корхонаҳо ёфт мешаванд кормандоне, ки худро ба ношунавоӣ мезананд. Барои ин тоифа ҳам тарҷумон лозим аст?



Маҳина ПОДШОЕВА, духтури бемориҳои занона

- Дар Маркази тиби бароҳати «Тропикана»-и шаҳри Серпухов кор мекунам. Дар ин ҷо на танҳо ба шаҳрвандони Русия кумак мерасонам, балки аз ҳамватанони тоҷикистониям низ бо хушнудӣ пуштибонӣ мекунам.

- Ба хотири реклама шуда, боз кор накунед, ки ҳама занҳои ниёзманди тоҷик аз хидматгузориҳои марказҳои тиббии худӣ даст кашидаву рӯй ба Серпухов оранд!?



Тайибиддин МУХАММЕДОВ, сартабиби Беморхонаи марказии шаҳри Исфара

- Барои он ки соҳаи тиб дар Исфара боз ҳам рушд кунад, бояд масъалаҳои таъмини муассисаҳои тандурустӣ бо табибон ва ҷудо намудани қитъаҳои наздиҳавлигӣ барои табибонро ҳаллу фасл намоем.

- Офарин, ки дар мавриди вазъи иҷтимоии табибон ҳам фикр мекунед. Аммо, масъалаи ҷудо намудани заминро ҳал кунед, масъалаи таъмини муассисаҳо бо табибон худаш ҳал мешавад.

АЗ ҲУШДОР ТО АМНИЯТ

Сафари вазири дифои Эрон ба Тоҷикистон ва сарнавишти норӯшани “Абобил 2”

Вазири дифоъ ва пуштибонии Неруҳои мусаллаҳи Эрон генерал-майор Муҳаммадризо Оштиёнӣ рӯзи 17-уми октябр ба Душанбе ташриф оварда. Дар ин сафар Оштиёнӣ бо Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва вазири мудофиаи Тоҷикистон генерал-полковник Шералӣ Мирзо дидору мулоқот намуд.



Ҳамкорӣ дар бахши амният

Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон вазири дифоъ ва пуштибонии Неруҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Исломии Эронро рӯзи 18-уми октябр ба ҳузур пазируфт. Тавре дафтари матбуоти Президент хабар медиҳад, таҳкими ҳамкориҳо дар бахши амният аз мавзуҳои меҳварии мулоқоти ҷонибҳо будааст.

Манбаъ менависад, ки ҷонибҳо бо ишора ба шиддат гирифтани таҳдиду хатарҳои муосир зарурати таҳкими ҳамкориҳоро таъкид карданд.

Ёдовар мешавем, ки вазири дифои Эрон дар садри як ҳайати баландпояи низомии ҷумҳурии исломӣ бо сафари расмӣ ба Тоҷикистон омада, бо ҳамтои тоҷикаш Шералӣ Мирзо низ мулоқоту музокирот дошт.

Тавре маркази матбуоти Вазорати мудофиаи ҶТ хабар медиҳад, мавзуи асосии мулоқот аз масоили авзои минтақа ва ҷаҳон, ҳолати кунунии Қувваҳои мусаллаҳи Тоҷикистон, инчунин нақшаҳои марбут ба ҳамкорӣ дар соҳаи мудофиа ва рушди техникаи ҳарбӣ иборат буд.

“Ҷонибҳо ҳамчунин ҳамкориҳо дар самти мубориза бо терроризм ва дигар ҷанбаҳои муҳими ҳамкориҳои низомӣ байни Тоҷикистону Эронро баррасӣ карданд”,- гуфта мешавад дар хабар.

Оштиёнӣ чӣ гуфт?

Хабаргузории “Форс” менависад, ки Муҳаммадризо Оштиёнӣ дар мулоқоти хеш бо роҳбарияти олии Тоҷикистон бо таъкид бар ҳифзи сулҳ, саботу амнияти минтақа арз кард, ки Эрон ҳамвора аз тамомияти арзии Тоҷикистон ҳимоят мекунад.

Вай таъкид кардааст, ки минтақаи Осиёи Марказӣ ва Тоҷикистон аз ҷойгоҳи вижа ва барҷастае дар сиёсати хориҷии минтақаии Эрон бархӯрдор аст.

Вазири дифои Эрон дар бахши дигари суханони худ аз ҳимоятҳои давлати Тоҷикистон дар узвияти Эрон дар Созмони Ҳамкориҳои Шанхай изҳори миннатдорӣ кард.

Оштиёнӣ ҳушдор додааст, ки “равандҳо ва таҳаввулоти ҷаҳонӣ бисёр пуршитобу амниятӣ шудааст, бар ҳамин асос шоҳиди рақобатҳои геосиёсӣ дар арсаи ҷаҳонӣ ва осори он дар манотиқи ҷуғрофиёии мухталиф ҳастем ва муътақидем, ки минтақаи Осиёи Марказӣ ба унвони яке аз манотиқи роҳбурдии ҷаҳон ба маҳале барои рақобатҳои геосиёсии кишварҳои минтақаӣ ва фароминтақаӣ табдил шудааст”. Бинобар ин, ӯ ба зарурати ҳамкориҳо таъкид кард.

“Форс” менависад, ки Оштиёнӣ аз мавқеи Тоҷикистон нисбат ба сиёсати Афғонистон пуштибонӣ карда, гуфтааст, ки Эрон ҳимояти хешро аз мардуми Афғонистон идома хоҳад дод.

Ҳамчунин Оштиёнӣ дар бахши дигари суханони худ ба вазъи имрӯзаи Фаластин ишора карда, ҳушдор додааст, ки Исроил бояд ба куштори кӯдакони бегуноҳ хотима бахшад.

Ҷузъиёти дигари сафари Оштиёнӣ маълум нест.

“Абобил 2” куҷо шуд?

Ёдовар мешавем, ки моҳи майи соли 2022 Муҳаммад Боқирӣ, раиси Ситоди кулли Неруҳои мусаллаҳи Эрон ба Тоҷикистон омада буд.

Зикр гардида буд, ки ӯ ва вазири мудофиаи Тоҷикистон Шералӣ Мирзо дар маросими ифтитоҳи корхонаи истеҳсоли паҳпод (дрон) ё тайёраҳои бесарнишини эронии Абобил II иштирок карданд.

Ҳамчунин Боқирӣ бо сарвари давлати Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дидору гуфтушунид карда, дар мулоқот доираи васеи масъалаҳои равобити Тоҷикистону Эрон, бахусус дар соҳаҳои амниятӣ ва низомии техникӣ баррасӣ шуд.

То имрӯз дар бораи оғоз шудани истеҳсоли тайёраҳои бесарнишин дар ин корхона ягон маълумот дастрас нест.

Охири моҳи октябри соли 2022 рӯзноманигори украинӣ Дмитрий Гордон Тоҷикистонро ба даст доштан дар истеҳсоли ҳавопаймоҳои бесарнишини эронӣ, ки ба гуфтаи ӯ, дар ҳамлаҳо ба Украина истифода мешаванд, гунаҳкор карда буд.

Вазорати корҳои хориҷии Тоҷикистон ин гуфтаҳоро рад намуда, таъкид дошт, ки ҷумҳурӣ таҷҳизоти ҳарбиро ба кишвари сеюм содир намекунад.

О. СОҲИБЗОДА



ДАЪВАТ БА ОТАШБАС

Вазорати корҳои хориҷии Тоҷикистон ҳамлаи Исроилро ба бемористони Фаластин маҳкум кард

Вазорати корҳои хориҷии Тоҷикистон зарба ба бемористони “Ал-Аҳлӣ”-и Фаластинро, ки садҳо кушта бар ҷой гузошт, маҳкум мекунад.

Ин ниҳод изҳор медорад, ки “муассисаҳои ғайринизомӣ, бахусус бемористонҳо ба ҳеҷ вачҳ набояд мавриди ҳамла қарор гирифта, дар ҳама шароит як макони амн барои хидматрасонӣ ба мардум бошад”.

Вазорати корҳои хориҷии Тоҷикистон ба наздикони ҳалокшудагон изҳори ҳамдардӣ намуда, ба захмиён шифои комил таманно намудааст.

Би-Би-Сӣ хабар медиҳад, ки Артиши Исроил ба бемористони “Ал-Аҳлӣ”-и Навори Ғазза зарба задааст. Вазорати тандурустии Фаластин хабар дод, ки бар асари ин зарба 500 нафар ҳалок шуда, садҳо нафар зери харобаҳо мондаанд. Миёни кушташудагон кӯдакону занон ҳам ҳастанд.

Инчунин низомиёни Исроил изҳор доштаанд, ки ин фоҷеа дар бемористон дар натиҷаи мушакҳои партобшуда аз ҷониби гурӯҳи фаластинии “Ҷиҳоди исломӣ” ба амал омадааст ва масъулияти таркишро ба “Ҷиҳоди исломӣ” вогузор карда, ки гӯё сабабаш партоби нокоми мушак аз ҷониби онҳо дар назди бемористон будааст.

Вазорати корҳои хориҷии Тоҷикистон ҳамлаҳои хушунатомезро қотеъона маҳкум намуда, ҷонибҳоро ба оташбаси фаврӣ ва оғози муколама даъват кардааст.

Ёдовар мешавем, ки аз 7-уми октябр инҷониб миёни Фаластин ва Исроил ҷанг идома дорад, ки дар натиҷаи он аз ҳарду тараф садҳо нафар ҳалок ва ҳазорҳо нафари дигар захмӣ гардидаанд.

МАРЗ. БОЗ 13,98 КМ АЛОМАТГУЗОРӢ ШУД



Гурӯҳҳои кории Тоҷикистону Қирғизистон 13,98 километри дигари гузариши хати сарҳади давлатии ду кишварро мувофиқа намудаанд. Дар ин бора як манбаъ аз вилояти Суғд хабар медиҳад.

Гуфта мешавад, ки қитъаи навбатӣ дар ҷаласаи гурӯҳҳои кории ду кишвар, ки рӯзҳои 12-18-уми октябри соли 2023 дар шаҳри Бӯстони вилояти Суғди Тоҷикистон баргузор гардид, муайян шуд.

Ёдовар мешавем, ки 16-уми октябр вохӯрии навбатии гурӯҳҳои кории Тоҷикистону Қирғизистон дар вилояти Суғд зери роҳбарии раисони кумитаҳои амнияти ду кишвар Саймумин Ятимов ва Қамчибек Ташиев дар шаҳри Бӯстон баргузор гардид. Аз ин пештар, 2-юми октябр онҳо дар Қирғизистон вохӯрда, Проколи №44-ро ба имзо расониданд. Баъди имзои ин протокол маълум шуд, ки ҷонибҳо 43,32 километри дигар аз марзи давлатии миёни ду кишварро муайян карданд.

Ҳамчунин, санаи 13-уми октябр дар ҳошияи ҷаласаи Шурои сарони кишварҳои узви Иттиҳодияи Давлатҳои Мустақил дар шаҳри Бишкек Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо ҳамтои қирғизаш Содир Ҷабборов дидору мулоқот кард. Дафтари матбуоти президенти Тоҷикистон иттилоъ медиҳад, ки сарони кишварҳо вазъи кунунӣ ва дурнамои муносибатҳои Тоҷикистон ва Қирғизистонро дар соҳаҳои сиёсӣ, тиҷоратӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ баррасӣ карданд.

Дар идома гуфта мешавад, ки Эмомалӣ Раҳмон ва Содир Ҷабборов дар ин мулоқот масъалаи таъйини марзи давлатӣ миёни Тоҷикистон ва Қирғизистонро низ матраҳ карданд.

“Дар ҷараёни музокирот таваҷҷуҳи хос ба масъалаҳои муайян намудани хати сарҳади давлатии Тоҷикистон ва Қирғизистон ва тавофуқоте, ки чанде пеш дар ин самт ҳосил шуда буданд, зоҳир шуд. Сарони давлатҳо фаъолияти ҳайатҳои ҳукуматии таъйин ва аломатгузории сарҳади давлатиро мусбат арзёбӣ намуда, аз фаъолсозии минбаъдаи кор ҷонибдорӣ карданд”.


Масофаи сарҳади байни Тоҷикистон ва Қирғизистон тақрибан 970 километрро ташкил медиҳад. Айни замон 519 километр хати сарҳади давлатӣ мушаххасу муайян ва аз ҷониби ҳарду давлат эътироф шудааст. Боқимонда - зиёда аз 400 километри хати сарҳад баҳснок шуморида мешавад.

КАНАЛИ ТОЛИБОН

ва хатари норасоии об дар Осиёи Марказӣ

Ҳанӯз соли 1908 академик Л. С. БЕРГ суръат гирифтани кишти пахта ва шоликориро дар Осиёи Марказӣ дида, навишта буд, ки чунин ҳолат метавонад то солҳои 70-80-уми асри XX боиси хело кам шудани захираҳои оби дарёи Ому ва коҳиш ёфтани баҳри Арал гардад…





Омилҳои норасоии об

Пешгӯии академик рост баромад, ки дар натиҷаи бо суръати баланд азхудкунии заминҳои корам ва беҳад зиёд намудани майдонҳои кишти пахта ва истифодаи бемаврид аби дарёҳои Ому ва Сир ба хушкшавии баҳри Арал оварда. Агар то солҳои 60-уми асри XX ба баҳри Арал соле аз дарёи Сир 37 километри кубӣ ва аз дарёи Ому 77 километри кубӣ об мерехт, пас, ин нишондиҳанда охири солҳои 80-уми асри XX ҳамагӣ ба 1-2 километри кубӣ расид. Қариб дар ҳамаи хоҷагиҳои Осиёи Марказӣ пахта ба яказироат (монокултура) табдил ёфта буд. Дар аксарияти колхозу савхозҳои пахтакор майдони кишти пахта то 80-90 фоизро ташкил медод.

Аз тарафи дигар, суръати афзоиши аҳолӣ низ ниҳоят баланд шуд, ки он ба авҷ гирифтани бекорӣ дар минтақа оварда. Агар солҳои 60-уми асри XX шумораи аҳолии Осиёи Марказӣ ҳамагӣ 20 млн нафар ва майдони заминҳои кишт ба 4 млн гектар мерасид, пас, ҳоло миқдори аҳолӣ қариб ба 80 млн нафар ва майдони заминҳои кишт ба зиёда аз 9 млн га расидааст. Чунин ҳолат зиёд гардидани талабот ба об ва дар оянда ба нарасидани таъминоти об дар қисми зиёди минтақа оварда мерасонад.

Пиряхҳо аз байн мераванд…

Маълум аст, ки манбаи асосии бо об таъминкунии минтақаи Осиёи Марказӣ пиряхҳои доимӣ мебошанд. Боиси хушнудист, ки бо ташаббуси навбатии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Созмони Милали Муттаҳид соли 2025-ро соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо эълон намуд. Ба ин мақсад соли 2025 дар Душанбе Конфронси байналмилалӣ оид ба масъалаи ҳифзи пиряхҳо баргузор хоҳад гашт. Аз рӯи ҳисобу китоб масоҳати умумии пиряхҳои Осиёи Марказӣ ба 1700-1800 километри мураббаъ баробаранд, ки 60 фоизи онҳо дар қаламрави Тоҷикистон воқеъ гардидаанд. Аз тарафи дигар, гармшавии иқлим дар тамоми сайёра ба ҳолати пиряхҳо таъсири манфӣ мерасонад. Аз рӯи нишондоди Конфронси байналмилалӣ оид ба тағйирёбии иқлим, ки дар Париж баргузор гардид, то соли 2050 ҳарорати ҳавои сайёра то 1,5о С баланд мешавад. Ин вазъият ба пайдоиш, захирашавӣ ва таҳаввули пиряхҳо беасар наmemонад. Тадқиқоти бардавоми нимаи дуюми асри XX ва даҳсолаи аввали асри XX дар Тоҷикистон собит намуд, ки 132 пиряхе, ки майдони ҳар якеи он 1-2 километри мураббаъ буд, мавҷудияташ хотима ёфтааст. Ба таври дигар гӯем, аз соли 1930 то ин ҷониб дар кишвар то 33 % масоҳати пиряхҳо нобуд шудаанд. Аз ин лиҳоз зарур аст, ки омӯзиш ва таҳқиқи фосилавӣ-кайҳонии пиряхҳо мунтазам бошад, зеро ин масъала натанҳо барои Тоҷикистон, балки барои кулли давлатҳои Осиёи Марказӣ ва Афғонистон ҳатман муҳим мебошад.

Канали Толибон

Яке аз масъалаҳои ниҳоят ташвишовар нисбати манбаъҳои об дар Осиёи Марказӣ он аст, ки ҳукумати толибон дар Афғонистон бе огоҳии давлатҳои ҳамсоя ба сохтмони канали ниҳоят бузург аз дарёи Ому шуруъ намуданд.

Канали мазкур қодир аст, ки соле 10 километри кубӣ оби дарёи Омуро кашида гирад. Бо ин роҳ толибон ният доранд, ки 500 ҳазор гектар замини Афғонистонро обёрӣ кунанд. Аз ин нияту амали онҳо шояд Русия бохабар буд, вале давлатҳои Осиёи Марказӣ гумон надоштанд. Оғози канали мазкур аз деҳаи Хуштепа сар мешавад, ки он каме болотар аз ҷои ба дарёи Ому ҳамроҳшавии дарёи Кофарниҳон ҷойгир буда, аз ҷиҳати маъмурӣ ба вилояти Куҳандиз дохил аст ва дар ҳамсарҳадии вилояти Балх ҷойгир мебошад. Дарозии ин канал ба 285 км расида, аз сарҳади вилояти Балх гузашта, ба вилояти Ҷузҷон мерасад ва дар вилояти Фароб ба итмом мерасад. Мувофиқи маълумотҳои дарҷгардида маълум мегардад, ки лоиҳаи сохтмони ин иншооти бузурги гидротехникӣ ҳанӯз дар замони Президенти собиқи Афғонистон Ашраф Ғанӣ сар шудааст. Моҳи декабри соли 2018 дар таҷдиди ин лоиҳа ғайр аз Ашраф Ғанӣ инчунин бисёр аъзои мақомоти олии ҳукумат, вазирону ҷонишинони вазир ва сафири ИМА дар Афғонистон иштирок намудаанд. Вале намояндагони давлатҳои соҳили дарёи Ому (Тоҷикистон, Ӯзбекистон ва Туркманистон) даъват нашуда буданд. Ҳукумати Ашраф Ғанӣ корро тавре оғоз намуд, ки дар расонаҳои иттилоотӣ нисбати ин лоиҳа ва пешрафти ояндаи он ягон маълумот дарҷ нагардида буд. Ҳатто бисёр институтҳои лоиҳакашие, ки бевосита ба тадқиқи захираи обҳои Осиёи Марказӣ сарукор доранд, аз ин амал бехабар монданд.

Паҳнии канал дар қисмати саргаҳи он 100 метр ва чуқурии он 8 метр дар назар дошта шудааст. Мувофиқи маълумоти тарафи Афғонистон, ҳаҷми хароҷоти канал ба 1,5 млрд доллари амрикоӣ расида, давомнокии сохтмон то 8 сол дар назар дошта шудааст. Ҳоло корҳои сохтмонӣ дар авҷ буда, коргарон дар се смена (се навбат) ба кор шуруъ намуданд ва қариб 40 км канал (аз ҳисоби базаи давлат) канда шудааст. Сарварии ин лоиҳаи бузургро Абдураҳмон Оташ, ки дар ин ҷода таҷрибаи хеле зиёд дорад, ба уҳда гирифтааст. Барои анҷоми сохтмони канал бисёр мутахассисони соҳаи гидротехника, инчунин 5900 шахсони ронандаи мошину трактор, экскватор ва булдозер ба кор ҷалб карда шудаанд. Обанбори канал дар қисмати чапи дарёи Ому дар муқобили сарҳади Ӯзбекистон сохта мешавад.

Дарёи Ому аксар дар қаламрави Тоҷикистон (зиёда аз 70%) ташаккул меёбад ва ҳамагӣ 20%-и онро Тоҷикистон мегираду боқимонда ба сарҳади Ӯзбекистон ва Туркманистон равона мешавад. Чӣ тавре дар боло қайд намудем, оби дарёи Ому то баҳри Арал нарасида, дар сарҳади Ӯзбекистону Туркманистон тақсим мешавад.

Вазорати об ва мелиоратсияи Иттиҳоди Шуравӣ (соли 1987) аз ҳисоби дарёи Ому барои ҳамаи ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ меъёри муайяни тақсимоти обро муқаррар намуда буд. Мувофиқи ин муқаррарот соли 2023 ба ҳиссаи Тоҷикистон 9,8 километри кубӣ, Ӯзбекистон 23,6 километри кубӣ ва ба Туркманистон 22,0 километри кубӣ муайян гардид. Албатта, барои Тоҷикистон, ки дар саргаҳи обҳои минтақа ҷойгир аст, чунин тақсимот ба талаботи ояндаи ҷумҳурӣ пурра ҷавобгӯй нест. Вале Тоҷикистон дар ҳама давру замон кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки давлатҳои ҳамсоя бо об таъмин бошанд.

Нерӯгоҳи Даштиҷум

Аз рӯи маълумотҳо тарафи Афғонистон боз ният дорад, ки баъди сохтмони канал заминҳои обёришавандаро то ба 1 млн гектар расонад. Барои амалӣ намудани ин мақсад насосҳои пуриқтидори бо қувваи барқ коркунанда лозим аст, то ки обро ба қитъаҳои дар баландӣ ҷойгиршуда бароранд. Вале дар Афғонистон ҳоло чунин нерӯгоҳҳои баркӣ вуҷуд надоранд. Аз рӯи баъзе маълумотҳо афғонистониҳо ният доранд, ки бо Тоҷикистон дар мувофиқа омада, дар якҷоягӣ нерӯгоҳи Даштиҷумро дар дарёи Панҷ бунёд намоянд, ки ҳаҷми обанбори он ба 23 километри мураббаъ расида, баландии дарғот ба 320 метр мерасад. Як гурӯҳ коршиносон дар он ақидаанд, ки дар оянда ба нерӯгоҳи Даштиҷум кӯли Сарез, ки 17 километри кубӣ обро нигоҳ медорад, метавонад таҳдид намояд. Масъалаи хафви кӯли Сарез чандин сол боз дар сатҳи гуногун таҳлил мегардад, вале то ҳол олимону мутахассисон ба хулосаи аниқ наомадаанд.

Гуфтугӯ бо Афғонистон

Айни замон дарёи Ому бештар аз 80% талаботи ба об доштаи Осиёи Марказиро таъмин менамояд. Вале баъди пурра ба кор даромадани канали Хуштепа ҳаҷми оби ба Ӯзбекистон ва Туркманистон воридшаванда то 15% кам мешавад. Ин ба нарасидани об барои обёрии заминҳои пахта, ки соҳаи муҳимтарини хоҷагии кишоварзии мамлакатро ташкил медиҳад, оварда мерасонад. Ҳол он ки, соҳаи пахтакорӣ дар Ӯзбекистон қариб 17% маҷмуи маҳсулоти дохилиро ташкил медиҳад. Дар маҷмуъ хоҷагии кишоварзӣ асоси зисту зиндагонии бештар аз 40% аҳолии мамлакат мебошад. Мувофиқи маълумоти Кумитаи омори Ӯзбекистон ба ҳисоби миёна истифодаи солонаи об дар мамлакат ба 51 миллиард метри кубӣ рост меояд, ки аз ин ҳисоб 90% барои обёрии заминҳои пахта истифода мешавад.

Дар Туркманистон низ вазъияти истифодаи захираҳои об на он қадар мусоид аст. Дар он ҷо баъди сохтмони канали Қароқум (онро дар мамлакат канали “тиллоӣ” низ меноманд) имконияти киштигардӣ ба масофаи 1300 км ва обёрӣ намудани 1,25 млн гектар замин ба вуҷуд омад. Хоҷагии кишоварзӣ зиёда аз 91% захираҳои обро истифода мебарад.

(Давомаш дар саҳ.7)

Ҷашнвора

«ТОҶИ СОМОН»

Нахустин синамоҷашнвораи байналмилалии Душанбе



Рӯзҳои 16-19-уми октябр бахшида ба Рӯзи кинои тоҷик ва 120-солагии нахустин коргардони тоҷик Комил Ёрматов Синамоҷашнвораи якуми байналмилалии Душанбе - «Тоҷи Сомон» таҳти шиори «Таърихи рушди тоҷикон» баргузор гардид.

Дар маросими ифтитоҳи ҷашнвора, ки шоми 16-уми октябр дар Театри давлатии опера ва балети Тоҷикистон баргузор шуд, Матлубахон Сатториён, муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон, Дилбар Одилзода, муовини Раиси шаҳри Душанбе, намояндагони Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, меҳмонон аз хориҷи мамлакат, Маҳмадсаид Шоҳиён, директори МД «Тоҷикфилм» ва дигар вазорату идораҳои мамлакат иштирок намуданд.

Парчами синамоҷашнвора ҳамчун рамзи ифтитоҳи ин ҷашнвора бо иштироки давлатҳои иштирокчӣ барафрохта шуд.

Дар синамоҷашнвора меҳмонон аз давлатҳои Русия, Ӯзбекистон, Молдова, Озарбойҷон, Чин, Фаронса, Ҳиндустон, Покистон, Қазоқистон, Арманистон ва ғайра иштирок доранд.

Тавре дар нишасти матбуотӣ Маҳмадсаид Шоҳиён, директори МД "Тоҷикфилм" гуфт, аз байни 200 дархости пешниҳодшуда 70 филм мавриди омӯзиш ва тамошо қарор гирифта, 18 филми ҳунарии пурра ва 8 филми ҳунарии кӯтоҳ барои иштирок ва рақобат дар озмунҳои синамоҷашнвора сазовор дониста шудаанд. Барои баҳодиҳӣ ва муайян намудани ғолибон ҳакамони байналмилалӣ даъват шудаанд.

Тавре Толиб Ғайбуллозода, муовини директори МД "Тоҷикфилм" гуфт, ҷоизаҳои синамоҷашнвора аз Шоҳҷоиза барои беҳтарин филми ҳунарӣ, Ҷоизаи «Беҳтарин коргардон», Ҷоизаи «Беҳтарин наворбардор», Ҷоизаи «Беҳтарин нақши мардона», Ҷоизаи «Беҳтарин нақши занона», Ҷоизаи «Беҳтарин филми ҳунарии кӯтоҳ», Ҷоизаи махсуси ҳакамон, Ҷоизаи таваҷҷуҳи тамошобин ва Ҷоизаи махсуси Раиси шаҳри Душанбе «Барои саҳми муносиб дар рушди кинематография» иборат мебошанд.

Синамоҷашнвораи байналмилалии Душанбе - «Тоҷи Сомон» минбаъд дар ду сол як маротиба ҳамчун рӯйдоди байналмилалии фарҳангӣ барои сокинон ва меҳмонони шаҳри Душанбе баргузор мешавад.





Навгонӣ

ЭЪЛОМИЯИ ҲУҚУҚИ БАШАРИ КУРУШИ КАБИР

Санаи 14-уми октябри соли равон дар “Боғи Куруши Кабир”-и шаҳри Душанбе маросими пардабардорӣ аз тандиси Куруши Кабир баргузор шуд.

Дар расми ифтитоҳ президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон академик Фарҳод Раҳимӣ, раиси Анҷумани Рӯдакии Порис Масъуди Миршоҳӣ, директори Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ Фарангис Шарифзода, ташаббускорони гузоштани тандис аз Дания ва Канада бо роҳбарии Меҳрон Муқаддас ва иштирокчиёни дувумин конференсияи байналмилалии "Ҷуғрофиёи таърихӣ ва фарҳангии "Шоҳнома"-и Фирдавсӣ" иштирок доштанд.

Санҷиш

РЕЙДИ ШАБАКАҲОИ БАРҚ ДАР ПОЙТАХТ

Дар шаҳри Душанбе рейдҳо барои ошкор кардани шаҳрвандоне, ки бидуни иҷозат ба шабакаҳои барқ пайваст шудаанд, шуруъ шуд.



Тавре Вазорати корҳои дохилии шаҳри Душанбе дар саҳифаи худ дар “Фейсбук” хабар дод, аллакай дар рӯзҳои аввали рейдҳо се ҳолати ғайриқонунии истифодаи нерӯи барқ ошкор шудааст.

Аз ҷумла, як сокини пойтахт дар нуқтаи хӯрокхӯрии «Тезтайёр» бе ҳисобкунаки барқ аз нерӯи барқ истифода кардааст. Ба ҳамин далел боз ду сокини Душанбе ба ҷавобгарӣ кашида шудаанд.

Нисбат ба онҳо тибқи моддаи 382-и Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон протоколҳои маъмурӣ тартиб дода шудаанд.

Мутобиқи ин модда, худсарона пайваст кардан (васл кардан) ба шабакаҳои барқ, истифодаи нерӯи барқ, гармӣ бе созишнома бо ташкилоти таъминкунандаи барқ, ба шахсони воқеӣ ба андозаи аз се то панҷ нишондиҳанда барои ҳисобҳо, ба шахсони мансабдор аз 15 то 20 нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъйин карда мешавад.

ҶСК «Барқи тоҷик» рӯзи 28-уми сентябр аз камбуди нерӯи барқ дар фасли тирамоҳу зимистон дар Тоҷикистон ҳушдор дод. Гуфта шуд, ки 90 дарсади нерӯи барқи кишвар дар нерӯгоҳҳои барқи обӣ тавлид мешавад ва ҳаҷми тавлидот ба ҷараёни оби дарёҳо зич алоқаманд аст.

Зимистонгузаронӣ

МАКТАБҲОИ ДУШАНБЕ

Оё ба зимистон омодаанд?

Дар муассисаҳои таълимии шаҳри Душанбе барои дар сатҳи баланд гузаронидани давраи тирамоҳу зимистон тадбирҳои зарурӣ андешида мешаванд.

Дар ин бора Асомиддин Бобозода, сардори Раёсати маорифи шаҳри Душанбе хабар додааст.

Ба гуфтаи Бобозода, дар доираи маблағҳои ҷудошуда дар муассисаҳои таълимии буҷетӣ корҳои таъмиру ободонӣ анҷом дода шудаанд: “Захира кардани 1,6 ҳазор тонна ангишт, 1,1 ҳазор мукабметр ҳезум, 8,3 ҳазор литр сӯзишвории дизелӣ пешбинӣ карда шудааст. Ҳамаи ин аллакай харида шуда, дар анборҳо нигоҳ дошта шудааст”.

Инчунин Рустами Эмомалӣ дастури омодагӣ ба зимистон дар пойтахтро додааст. Ба гуфтаи мудири шуъбаи маорифи шаҳри Душанбе, 20,9 тонна орд, 6,4 тонна равған, 14,5 тонна биринҷ, 14,9 тонна қанд, 4 ҳазор дона консерв, 67,7 тонна картошка, 38 тонна пиёз, 14,6 тонна тайёр ва зиёда аз 20 тонна маҳсулоти ғаллагӣ захира карда шудааст.

Эълон



Бунёдкорӣ



УТОҚИ ЗЎРОВАРОН

ПЕШГИРИИ ҶУДОШАВИИ ОИЛА ВА ХУШУНАТ НИСБАТ БА ФАРЗАНДОН

Садриддин Саидов мушовири утоқи машваратии равонӣ-ҳуқуқӣ дар шаҳри Хуҷанд аст, ки он миёни мардум бо номи “Утоқи зӯроварон” маълум аст. Номбурда мегӯяд, ки ҳадафи асосии таъсиси утоқи кор бо зӯроварон пеш аз ҳама расонидани кумаки ҳуқуқию психологӣ ба зӯроварон аст.



Саидов мегӯяд, ки дар ҳолати хушунат агар бо зӯровар корбарӣ нашавад, ӯ хушунаташро ба наздиконаш идома хоҳад дод.

“Мисол, марде, ки зӯровар аст, баъди аз якум ҳамсараш ҷудо шудан хоҳу нохоҳ дигар зан мегирад ва боз нисбати зани дуюмаш низ хушунату зӯровариро давом медиҳад. Бинобар ин, утоқи машваратии мо бо кумаки нозирони минтақавӣ, кормандони Кумитаи кор бо занон ва оила, мутахассисон ёрии ҳуқуқию психологӣ мерасонад”,- мегӯяд номбурда.

Саидов мегӯяд, ки баъди ба кор оғоз кардани утоқи машваратӣ чанд нафар аз занҳо бо хоҳиши худ омада, иқрор мешаванд, ки нисбат ба кӯдакашон зӯроварӣ кардаанд.

“Ба хатои худ иқрор шудан қадами нахустин аст. Бинобар ин, дар суҳбати якум зӯровар аллакай хатои худро мефаҳманд, дар суҳбати дуюму сеюм аллакай тағйироти куллӣ дар онҳо эҳсос мешавад”,- мегӯяд ҳамсуҳбати мо.

Зикр кардан бамаврид аст, ки утоқи машваратӣ бо дастгирии МИҲД-и вилояти Суғд дар шаҳри Хуҷанд таъсис ёфтааст ва дар сурати самаровар шудан дар ҳамаи шаҳру навоҳии вилояти Суғд чунин утоқҳо кушода мешаванд.



Муҳаррам Раҳимова, равоншиноси утоқи машваратӣ мегӯяд, ки онҳо ба чандин нафар аллакай кумак расонида, чандин оиларо аз пошхӯрӣ наҷот додаанд.

“Феълан, як оила аз ноҳияи Бобоҷон Ғафуров ба мо мурочиат кардааст. Ин оила дар вартаи пошхӯрӣ қарор дошт, ки гунаҳгори чунин ҳолат зан аст. Ӯ барои сарфҳои беҳуда қарздор шудааст. Шавҳар намехоҳад, ки оила пароканда шавад, бинобар ин, чанд маротиба қарзҳои ӯро пардохтааст. Вале ин зан на танҳо нисбати шавҳар, балки нисбати ду кӯдаки ноболиғаш низ хушунату зӯровариро идома медод. Баъди машваратҳои мо, зан тағйир ёфт, феълан ба кор даромад ва оила аз пошхӯрӣ наҷот ёфт”,- мегӯяд Муҳаррам Раҳимова.

“Утоқи кор бо зӯроварон” сели дуюм аст, ки амал мекунад. Ин утоқ ба шахсони зӯровар кумаки психологию ҳуқуқӣ мерасонад, аммо таъйини ҷазо дар салоҳияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ аст.

Муҳаррам Раҳимова мегӯяд, ки то имрӯз ба марказ 18 нафар мурочиат кардаанд, ки аз инҳо 6 нафар зан ва 12 нафарашон мард мебошанд. “Ин нафарон ба воситаи Раёсати кор бо занон ва оилаи МИҲД-и вилояти Суғд ба мо мурочит кардаанд. Ҳарчанд теъдоди занон нисбат ба мардон камтар аст, вале нигаронкунанда мебошад, зеро занон бештар нисбат ба фарзандонашон хушунатро раво мебинанд”,- мегӯяд Раҳимова.

Дар ҳамин ҳол, Хуршеда Хоҷазода, сардори Раёсати кор бо занон ва оилаи МИҲД-и вилояти Суғд иттилоъ дод, ки ҳоло дар вилояти Суғд 635 оилаҳои осебпазир ба қайд гирифта шудаанд, ки барои кам кардани теъдоди онҳо корбарӣ шуда истодааст.

Фарзона ШАМСИЕВА,
шаҳри Хуҷанд

ЛИМИТ ДАР ТОҶИКИСТОН

ва афзоиши содироти барқ ба хориҷа

Дар давоми 9 моҳи соли равон Тоҷикистон аз ҳисоби содироти нерӯи барқ зиёда аз 104,5 млн доллар маблағ ба даст овард, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 4,8% зиёдтар аст. Дар ин бора Агентии омори кишвар хабар медиҳад.

Ин дар ҳолест, ки шуруъ аз моҳи сентябр сокинони кишвар аз қатъ шудани нерӯи барқ ё бозгашти лимит шикоят мекунанд. Чанде пеш ширкати “Барқи тоҷик” низ аз норасоии барқ ва ҷорӣ шудани маҳдудият хабар дод. Вале аз нишондоди Агентии омори кишвар бармеояд, ки танҳо дар моҳи сентябр кишварҳои ҳамсоя аз Тоҷикистон ба маблағи 20 млн доллар барқ гирифтаанд.



Аз ширкати “Барқи тоҷик” мегӯянд, ки содироти барқ ба Ӯзбекистон танҳо дар мавсими тобистон сурат гирифта, содироти он ба Афғонистон инчунин дар мавсими тирамоҳу зимистон низ идома меёбад, лекин танҳо барои дар ҳолати коршоям нигоҳ доштани зерсохтор. Раҳбарияти ширкат зикр карда буд, ки дар замони сардиҳо, вақте ки дар худи Тоҷикистон камбуди барқ эҳсос мешавад, интиқоли он ба Афғонистон 10 баробар - аз 400 Мвт то 40 Мвт коҳиш меёбад.

Тибқи маълумоти оморӣ, давоми моҳҳои январ-сентябри соли равон дар ҷумҳурӣ 17,1 млрд киловатт-соат нерӯи барқ истеҳсол шудааст, ки 4,8% зиёдтар нисбат ба ҳамин давраи соли 2022 мебошад.

Нақиза

АҲАМИЯТИ БЕБАРҚӢ

Дӯстони азиз, хонумҳо ва ҷанобон, перомуни аҳамияти барқ, яъне “свет” бисёр гуфтаанд, ки садҳо ҷилд китоби ғафс-ғафс мешавад. Аммо бандаи ганда илман исбот мекунам, ки аҳамияти бебарқӣ, яъне беравшанӣ бисёру бузургтарин аст.

То ба имрӯз касе чунин андешаи илмӣ ва фалсафӣ изҳор накардааст, ки ман кардам:

- Шабона барқ лозим нест, шаби торик барои хобидан ва роҳат кардан аст. Рӯзона бошад, Офтоб бас аст. Шукр кунед, ки то имрӯз касе “Пули гармию рӯшноии Офтобродех!” нагуфтааст!

Агар барқ бошад, назди телевизор мешиниву аз шарру шӯри дунё сарат ба дард медарояд. Аз кору рӯзгори хеш мисол меорам, ки бо тамоми ҳаёти деҳотиён мушобеҳ аст.

Вақте ки дар деҳаи мо чароғи барқӣ аз се шабонарӯз зиёд фурӯзон шуд, булбулаки кадбону ба хониш медарояд. Дилакаш телевизори шишакалони пачақ, телефон, фонусакҳои баркӣ, яхдон, компютер, боз кадом чизҳои дигар мехоҳад. Аз ҳама бадтаринаш - мошинаи ҷомашӯӣ. Ба гуфти ӯ, мошинае баромадааст, ки ҳангоми ба ҷараёни барқ пайвастан обро худаш гарм мекардааст, либосро худаш мешустааст, худаш меҷафидааст, худаш хушк мекардааст ва худаш дарзмол карда медодааст. Нархаш... Эҳ, қиматашро напурсед! Ба вай гуфтам:

- Эй занак! Калла дорӣ? Ҷомашӯиро мошина кунад, зан чӣ кор мекунад? Вазифаи зан аз чӣ иборат аст?...

Э-ҳа, валвалаю доду фиғон сар шуд-е! “Ҳозир асри 21-ум аст. Ҳоло ҳам мардҳо дар банди феодализму давраи ғуломдорӣ! “Деҳ марав, деҳ мардро аҳмақ кунад, ақлро бенуру беравнақ кунад!”-ро дар асри 13-ум гуфта бударанд. Ин мардҳои тираақли мо кай кошифу ихтироъкор шуда, баробари дигарон қадам мемонда бошанд?! Э-вой дод-е!”- боз ба мисли ҳамин гапҳои кӯчагиву лабиҷӯйборӣ мебораду меборад. Ман худ ба худ ғурунгос мезанам: “О, ҳар рӯз ҳамсояҳоямон чиниҳо бо навигарӣ ва ихтироъҳо дӯкону мағозаҳои моро пуропур карда партофтаанд, ҳамин қадар чизи бисёр бас нест?!”. Э, канӣ гӯши пандшунав?... Тоқат намекунаму меравам ба макони азалии мардҳо - чойхона. Дар ин ҷо як чойник чой ва нимта нон роҳати ҷон аст. Дар сари як пиёла чой тарақо-туруқи доминобозӣ оғоз меёбад. Баъди он ки ҳарифат “казёл” мешавад, қаҳ-қаҳаву доду фарёдро бинед-да! Яъне ҳаёт дар ҷӯшу хурӯш аст дар ин ҷо. Шумо нагӯед, ки як ҳунар доштааст, дар қартабозӣ ҳам устухон надорем, дар нардбозӣ низ касе ҳатто як ангушти моро хам карда наметавонад. Лубой бозингарро пачақ карда метавонем!

Ман дар як ҷо посбон мебошам, як сутка кор мекунаму ду сутка бекорам. Э-не! Бекор не, ба мусобиқаи доминову қартаву нардбозӣ мераваму обрӯи худ ва деҳаамро мебардорам. Маошам ба шиками худам мерасад, ризқи зану кӯдакро Худо медиҳад. Дар аввали шаб, ҳангоми чароғи ба мисли милмилаки бобоӣ хирасӯзи барқӣ, ки аз ҷараёну шиддаташ ҳатто телефон дуруст заряд гирифта наметавонад, хомӯш мешавад, чойхоначӣ “тӯйи калон пагоҳ” гӯён, дари чойхонаро мебандад, ба хона меояму соф-соф карда, ҷойи хобамро меёбам ва уф-фф, аз ғояти хастагӣ зуд хобам намебарад. Каме ба хаёл ғӯтта мезанам: “Хуб шуд, ки ҳамин лимити барқ ҷорӣ гашт, вагарна ин занҳо калимаҳои маҳз ба худашон дахлдошта - гаҳвора, тағора, гӯсола, ошхона ва хишоваро батамом фаромӯш карда, ба гурӯҳи вожаҳои архаистӣ хеле барвақт дохил мекарданд. Барқ нест, занак ҳам дар валвалаи худ лимит ҷорӣ карда, гӯё ба тақдир тан додааст. Мана, барвақтакак хоб мекунӣ, аз хоб сер мешавӣ, пули баркро камтар месупорӣ. Ин хуб нест?!

Бинобар ҳамин, ман аз номи аксари мардони деҳа ва дигар деҳаҳо арза мекунам, ки лимити барқ дуру дароз идома ёбад ё худ батамом барқ надиҳанд ҳам, мо сад дар сад розием! Агар лозим бошад, садҳо имзо ҷамъ оварда, ба хоҷаву мутасаддиёни барқ мефиристонем...

Котиб-ул-ҳуруф Ҳаким Алӣ (Назаралиев),
шаҳри Ҳисор, деҳаи Ғуриён



Муҳибулло Зувайдуллозода:

ХОНАНДАГОНИ МО БО НИЗОМИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ТАҲСИЛ МЕКУНАНД

Мактаби байналмилалии Президентӣ дар шаҳри Душанбе соли 11-ум аст, ки фаъолият дорад. Низоми таълим дар инҷо дар заминаи барномаҳои Донишгоҳи Кембриҷи баъзе фанҳо мувофиқи стандарти пешбининамудаи Вазорати маориф ва илми Тоҷикистон таҳия ва роҳандозӣ шудаанд.



Муҳибулло Зувайдуллозода, директори муассисаи таълимии мазкур дар суҳбат иброз намуд, ки ҳадаф аз таъсиси он таълими хонандагонест, ки тавонанд дар донишгоҳҳои пешоҳанги ҷаҳон таҳсили худро давом диҳанд ва ҳамчун кадрҳои баландихтисос дар рушди кишварамон нақши шоиста гузоранд.

Аз кадрҳои болаёқат то низоми таълими пешрафта

Ба гуфтаи Муҳибулло Зувайдуллозода, дар солҳои аввали таъсиси мактаб ва фаъолият мушкилот ҷой дошт: дастрасӣ ба китобҳои таълимӣ, кадр ва ғайра. Бо дастгирии Вазорати маориф ва илми Тоҷикистон мушкилоти мавҷуда бартараф гардид. Имрӯз дар мактаб низоми хуби омӯзиш барои хонандагон муҳайё мебошад. “Мушкилоти кадриро аз ҳисоби ҷавонони болаёқат, дорои диди тоза аз дохили кишвар ҳал кардем. Боз тавонистем, ки омӯзгоронро аз кишварҳои хориҷӣ, аз қабили Амрико, Филиппину Ҳиндустон, Покистон ва Нигерия ҷалб намоем. Ин иқдом имрӯз ҳам идома дорад. Аз оғози таъсис то имрӯз мо тавонистем дастурҳоеро, ки аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар назди муассиса гузошта шуда буданд, амалӣ созем. Бештари хатмкунандагони мактаб ба донишгоҳҳои олии бонуфузи хориҷӣ дохил мешаванд. Дар маҷмуъ, 100 фоизи хатмкунандагони таълимгоҳ ба макотиби олии дохил ва хориҷ шомил мешаванд”,- мегӯяд директори мактаб.

Ҳоло хатмкардагони мактаб дар Швейтсария, Канада, Амрико, Олмон, Русия, Чин, Қазоқистон, Туркия... таҳсил доранд. “Онҳо ҳамеша бо мо иртибот доранд. Хатмкардагони солҳои пештар аллакай дар ширкату идораҳои бонуфузи байналмилалӣ ва дохилӣ кор мекунанд”,- бо хушҳолӣ изҳор мекунад муовини директор оид ба тарбия Санавбар Маликова.

Таҳсил бо забони англисӣ

Дар Мактаби байналмилалии Президентӣ дар шаҳри Душанбе хонандагон асосан фанҳоро бо забони англисӣ меомӯзанд. Дар баробари ин, бо хоҳиши волидон хонандагон имкон доранд, ки забони чинӣ, фаронсавӣ, русиро омӯзанд. Забони тоҷикӣ ҳамчун забони давлатӣ таълим дода мешавад. “Барои амалӣ сохтани ин ҳадаф мо заминаи хуби таълимӣ ва омӯзгорони варзида дорем”,- иброз медорад Муборак Шораҳимова, омӯзгори фанни забони англисӣ. Муаллима Шораҳимова таҷрибаи беш аз чилсолаи фаъолияти омӯзгорӣ аз фанни забони англисӣ дорад. Ӯ дар муассисаҳои таълимии гуногун фаъолият карда, мегӯяд, ки шароит дар Мактаби байналмилалии Президентӣ комилан дигар аст.

“Азбаски таҳсил пурра ба забони англисӣ аст, синфхонаҳо низ бо тамоми лавозимоти таълимӣ муҷаҳҳазанд. Соли аввал, ки мактаб навтаъсис буд, мо дар олимпиадаҳо ҷой намегирифтем. Хушбахтона, таҳсил доранд. Чанде аз хонандагон бо тавсияи Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон дар Мактаби байналмилалалии Президентӣ таҳсил мекунанд. Онҳо ҳангоми сафари Пешвои миллат ба манотиқи гуногуни кишвар дар назди мардум баромад намуда, аз худ донишу маҳорати баланди забондонӣ ва суханварӣ нишон додаанд. Инчунин, фарзандони падару модар соҳиби ҷойҳои ифтихорӣ шудаанд. Шогирдони ман, аз ҷумла Абдуматин Ҷалилов дар олимпиадаи фанни забони англисӣ бо гирифтани 92 хол сазовори ҷойи якум гардид”,- гуфт зимни суҳбат омӯзгор Муборак Шораҳимова.

Иштироки хонандагон дар олимпиадаи ҷаҳон

Яке аз самтҳои асосии фаъолияти муассиса омода намудани хонандагон барои иштирок дар олимпиадаҳои дохилӣ ва хориҷӣ мебошад. Аслан, олимпиадаҳои байналмилалӣ бо забони англисӣ сурат мегиранд. Дар ҳошияи “Бистсолаи омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ” муассиса тавонистааст, ки ба дастовардҳои назаррас ноил гардад.

“Тайи чанд сол аст, ки хонандагони мо дар олимпиадаҳои дохилӣ ва хориҷӣ аз ин фанҳо иштирок доранд ва сазовори ҷойҳои намоён мегарданд. Имсол тавонистем аз технологияи иттилоотӣ, химия дар олимпиадаи ҷумҳуриявӣ сазовори ҷойи ифтихорӣ шавем. Бар замми ин, дар олимпиадаҳои гуногуни байналмилалӣ, ки ҳам тариқи ҳузурӣ ва ҳам онлайн мегузаранд, хонандагон ҷойи намоёнро ишғол намуданд”,- мегӯяд Наргис Сафолова, муовини директор оид ба олимпиада.

Имтиёз ба хонандагон

Имрӯз дар Мактаби байналмилалии Президентӣ аз тамоми қалламрави кишвар хонандагон карда, соҳиби ҷойҳои ифтихорӣ шудаанд. Шогирдони ман, аз ҷумла Абдуматин Ҷалилов дар олимпиадаи фанни забони англисӣ бо гирифтани 92 хол сазовори ҷойи якум гардид”,- гуфт зимни суҳбат омӯзгор Муборак Шораҳимова.



Иштироки хонандагон дар олимпиадаи ҷаҳон

Яке аз самтҳои асосии фаъолияти муассиса омода намудани хонандагон барои иштирок дар олимпиадаҳои дохилӣ ва хориҷӣ мебошад. Аслан, олимпиадаҳои байналмилалӣ бо забони англисӣ сурат мегиранд. Дар ҳошияи “Бистсолаи омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ” муассиса тавонистааст, ки ба дастовардҳои назаррас ноил гардад.

“Тайи чанд сол аст, ки хонандагони мо дар олимпиадаҳои дохилӣ ва хориҷӣ аз ин фанҳо иштирок доранд ва сазовори ҷойҳои намоён мегарданд. Имсол тавонистем аз технологияи иттилоотӣ, химия дар олимпиадаи ҷумҳуриявӣ сазовори ҷойи ифтихорӣ шавем. Бар замми ин, дар олимпиадаҳои гуногуни байналмилалӣ, ки ҳам тариқи ҳузурӣ ва ҳам онлайн мегузаранд, хонандагон ҷойи намоёнро ишғол намуданд”,- мегӯяд Наргис Сафолова, муовини директор оид ба олимпиада.

Имтиёз ба хонандагон

Имрӯз дар Мактаби байналмилалии Президентӣ аз тамоми қалламрави кишвар хонандагон дароне, ки дар созмонҳои байналмилалӣ фаъолият мекунанд ё берун аз кишваранд, дар ин мактаб таълим мегиранд. Зеро мактаб дорои тамоми шароит, аз ҷумла хобгоҳи замонавӣ мебошад. Ҳоло аз тамоми манотиқи ҷумҳурӣ хонандагон ба таълим фаро гирифта шуда, бо хобгоҳ таъминанд.

Барои онҳое, ки дониш ва маҳорати баланд доранду тавсия шудаанд, таҳсил ройгон мебошад. Як қатор имтиёзҳо ҳам пешбинӣ шудаанд. Масалан, барои иштирок дар ҳар як озмун, ҳатто дар олимпиадаи ноҳиявӣ, шаҳрӣ ва ҷумҳуриявӣ тахфиф ҷорӣ шудааст. Хонандае, ки дар як сол, агар дар дусе олимпиада иштирок карда, сазовори ҷойҳои намоён гардад, маблағи таҳсилаш ба андозаи аз 30 то 70 фоиз кам мешавад. Ба хонандагоне, ки дар олимпиадаҳои байналмилалӣ сазовори медали тилло, нуқра ва биринҷӣ мегарданд, барои ҷойҳои 3-юм 40 фоиз, 2-юм 50 фоиз, 1-ум 60 фоиз тахфиф ҷорӣ шудааст. Хонандагоне, ки дар олимпиадаҳои минтақавӣ сазовори медалҳои нуқра, тилло ва биринҷӣ мегарданд, мутаносибан аз 30 то 50 фоиз аз ҳақи пардохти маблағи таҳсил озоданд. Инчунин, хонандагоне, ки дар олимпиадаҳои ҷумҳуриявӣ сазовори ҷойҳои намоён мешаванд, аз 10 то 30 фоиз аз пардохти маблағи таҳсил озод карда мешаванд. Ҳадаф аз ин иқдом ҷалби бештари хонандагони лаёқатманд ба муассиса мебошад.





Усмон РАҲИМЗОДА

P.S.

Видео-гузориш доир ба фаъолияти Мактаби байналмилалии Президентӣ дар шаҳри Душанбе ва суҳбат бо хонандагони фаъолро дар ютубканали Pressa.tj пайгирӣ намоед.

Хатлон:

НИШОНДИҲАНДАИ РУШДИ МИНТАҚАВӢ 8,2% АФЗОИШ ЁФТ

Дар 9 моҳи соли 2023 нишондиҳандаи кӯтоҳмуҳлати рушди минтақавии вилояти Хатлон нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 8,2 фоиз афзоиш ёфтааст. Ин нукта дар маҷлиси ҷамъбасти натиҷаҳои иҷтимоию иқтисодии вилояти Хатлон дар нуҳ моҳи соли 2023, ки дар маҷлисгоҳи Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон таҳти раёсати раиси вилоят Давлаталӣ Саид баргузор шуд, зикр гардид.



Муовини сарвазири Тоҷикистон Сулаймон Зиёзода ва Раиси вилояти Хатлон Давлаталӣ Саид



Дар ин ҷаласа муовини Сарвазири мамлакат Сулаймон Зиёзода, муовинон ва роҳбари дастгоҳи раиси вилоят, раисони шаҳру ноҳияҳо ва роҳбарони ташкилоту муассисаҳои вилоятию минтақавӣ иштирок доштанд.

Маҷлисро раиси вилояти Хатлон Давлаталӣ Саид ҳусни ифтитоҳ бахшида, қайд намуд, ки дар натиҷаи андешидани тадбирҳои судманд ва бо истифода аз захираю имкониятҳои мавҷуда дар вилоят шароит муҳайё гардид, ки нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии вилоят бо натиҷаҳои мусбат ҷамъбаст карда шаванд.

Дар ҷаласа ҳисоботи муовини раиси вилоят Акрам Сулаймонзода оид ба нишондиҳандаҳои иҷтимоию иқтисодӣ шунида шуд. Зикр гардид, ки дар 9 моҳи соли 2023 нишондиҳандаи кӯтоҳмуҳлати рушди минтақавии вилояти Хатлон ба 23 миллиарду 655,9 миллион сомонӣ расид, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 8,2 фоиз афзоиш ёфта, дар маҷмуи нишондиҳандаҳои кӯтоҳмуҳлати рушди иқтисодӣ 26,3%-и ҳиссаи ҷумҳуриро ташкил медиҳад.

Дар ин давра нақшаи андоз бо дарназардошти андози иҷтимоии ғайрибуҷетӣ 103,6% таъмин гардида, ба буҷет 1 миллиарду 745,2 миллион сомонӣ маблағ ворид шуд, ки нисбати нақшаи тасдиқгардида 60,2 миллион сомонӣ зиёд мебошад.

А. Сулаймонзода дар идома афзуд, ки дар вилоят соҳибкорӣ рушд ёфта, ба ҳолати 1-уми октябри соли 2023 шумораи соҳибкорон ба 107998 нафар расида, аз ҳисоби патенту шаҳодатномаҳо ба буҷети шаҳру ноҳияҳо 81,5 миллион сомонӣ маблағ ворид гардидааст.

Ҳамзамон, дар вилоят 44 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ амалӣ шуда, маблағи азхудшуда ба 838,3 миллион доллари амрикоӣ баробар мебошад. Дар давоми соли гузашта Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии вилоят барои солҳои 2021-2025-ум 46 фоиз таъмин гарида, дар давраи амалишавии барномаи мазкур 140 лоиҳа ба маблағи 3,9 миллиард сомонӣ бо пуррагӣ ичро гардида, дар 91 лоиҳаи дигар корҳо идома доранд.

Дар ҳисобот зикр гардид, ки бонкҳо ба соҳаҳои иқтисодиёти вилоят нисбати ҳамин давраи соли 2022 ба андозаи 756,1 миллион сомонӣ зиёд маблағҳои қарзӣ ҷудо кардаанд. Дар 9 моҳи соли ҷорӣ ҳаҷми қарзҳои додашуда ба 2 миллиарду 909,7 миллион сомонӣ баробар аст.

Дар давраи сипаригардидаи соли ҷорӣ гардиши савдо ба 9 миллиарду 843,6 миллион сомонӣ ва хизматрасонии пулакӣ ба 1 миллиарду 916 миллион сомонӣ баробар гардида, афзоиш нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта мутаносибан 1,8 миллиард сомонӣ ва 191 миллион сомонӣ мебошад.

Зикр гардид, ки дар вилояти Хатлон соҳаи кишоварзӣ яке аз самтҳои афзалиятнок ва калидии рушди иқтисодию иҷтимоӣ ба ҳисоб рафта, дар таъмини амнияти озуқавории мамлакат ва корхонаҳои саноатӣ бо ашёи хоми маҳаллӣ аҳамияти муҳим дорад.

Муовини раиси вилоят гуфт, ки фаъолияти масъулони соҳа ва кишоварзони Хатлонзамин, пеш аз ҳама, барои баланд бардоштани боздеҳи замин, яъне гирифтани дусе ҳосил аз як қитъаи замин, афзоиш додани ҳосилнокии зироатҳо ва рушди соҳаи тухмипарварӣ равона гардидааст. Дар натиҷаи андешидани тадбирҳои самарабахш ва истифодаи мақсадноки замин, ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ба 25 миллиарду 48 миллион сомонӣ расонида шудааст. Афзоиши он нисбат ба нишондиҳандаи ҳамин давраи соли гузашта 1 миллиарду 19 миллиону 601 ҳазор сомонӣ (105%)-ро ташкил медиҳад.

Пахтакорӣ яке аз самтҳои муҳими соҳаи кишоварзӣ ба шумор рафта, кишоварзони вилоят дар майдони 123251 гектар кишти пахта гузаронида, дурнамои кишти онро 100 фоиз таъмин намудаанд. Аз майдони киштшуда ба ҳолати 8-уми октябри соли ҷорӣ 134051,6 тонна ҳосили "тиллои сафед" ҷамъоварӣ гардидааст.

Дар доираи имтиёзҳои пешниҳоднамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба соҳаи моҳипарварӣ диққати махсус зоҳир карда шуда, шумораи хоҷагиҳои моҳипарварӣ ба 315 адад расидааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 39 адад зиёд мебошад. Ба ин хоҷагиҳо ба масоҳати умумии 2339,5 гектар кӯлу ҳавзҳо вобаста гардида, ба ҳолати 1-уми октябри соли равон ба миқдори 1835,6 тонна моҳӣ истеҳсол шудааст, ки дар қиёс ба ҳамин давраи соли гузашта 301,4 тонна зиёд мебошад.

Дар ҷаласаи ҷамъбастӣ вобаста ба дастовардҳои соҳаи саноати вилояти Хатлон қайд гардид, ки саноатчиёни вилоят дар 9 моҳи соли равон ба маблағи 7 миллиарду 983,6 миллион сомонӣ маҳсулот истеҳсол карда, ҳаҷми истеҳсолро дар қиёс ба ҳамин давраи соли 2022 ба маблағи 694,6 миллион сомонӣ зиёд ва суръати афзоишро бо дарназардошти нархҳои қиёсӣ дар сатҳи 9 фоиз таъмин намудаанд.

Давоми соли равон баистифодадиҳии 144 корхона ва коргоҳҳои саноатӣ ба нақша гирифта шуда, 107 корхона ва коргоҳи саноатӣ бо таъсиси 610 ҷойи корӣ ба истифода дода шудааст.

Корхонаҳои хӯроквории шаҳру ноҳияҳои вилоят якҷо бо бахши хусусӣ соли равон ба маблағи 1 миллиарду 159,4 миллион сомонӣ, баробар ба 114,7 фоизи ҳамин давраи соли гузашта маҳсулот истеҳсол карда, суръати афзоишро ба маблағи 148,4 миллион сомонӣ таъмин намудаанд.

Дар ҷаласа ҳамчунин иттилоъ дода шуд, ки давоми соли таҳсили 2022-2023 дар маҷмуъ 93 иншооти соҳаи маориф, иборат аз 656 синфхона барои 15773 ҷойи нишаст дар як баст мавриди истифода қарор дода шуда, айни замон сохтмони 315 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ барои 55743 ҷойи нишаст идома дорад.

Сохтмони 4 муассисаи таҳсилоти томактабии давлатӣ дар шаҳру ноҳияҳои Кӯлоб, М. С. А. Ҳамадонӣ, Восеъ ва Хуросон барои 696 тарбиятгиранда идома дорад. Имрӯз теъдоди муассисаҳои томактабии ҳудуди вилоят ба 164 адад расида, дар онҳо 17854 нафар кӯдак ва дар 1320 маркази инкишофи кӯдак 52959 нафар кӯдакон ба таълиму тарбия фаро гирифта шудаанд.

Дар 9 моҳи соли ҷорӣ 30 иншооти соҳаи тандурустӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон ба маблағи зиёда аз 24 миллиону 641 ҳазору 670 сомонӣ сохта ба истифода дода шудаанд. Соли 2023 сохтмони 81 иншооти тандурустӣ ба нақша гирифта шудааст, ки 54 адади он дар доираи "Барномаи давлатии рушди соҳаи тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии вилояти Хатлон барои солҳои 2021-2025" ва берун аз Барномаи мазкур дар 31 адад иншоот корҳои сохтмонӣ идома доранд.

Муовини Сарвазири мамлакат Сулаймон Зиёзода зимни таҳлили натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии вилояти Хатлон дар 9 моҳи соли 2023 зикр намуд, ки дар ҳамаи шаҳру ноҳияҳо, ташкилот ва муассисаҳои вилоятӣ имконияту шароитҳо барои рушди бештар мавҷуданд.

Дар интиҳо раиси вилояти Хатлон Давлаталӣ Саид ба роҳбарони ташкилоту муассисаҳои вилоятию минтақавӣ ва раисони шаҳру ноҳияҳо чиҳати вусъат додани корҳои ободониву созандагӣ дастуру супоришҳои мушаххас дод.

Бобоҷони НЕЪМАТУЛЛО

КАНАЛИ ТОЛИБОН

(Аввалаш дар саҳ.4)

Моҳи июни соли 2023 дар қисмати шимолу шарқии Туркманистон нарасидани об дар заминҳои пахтакорӣ мушкилиҳои зиёд овард.

Тағйирёбии иқлим дар оянда яке аз сабабҳои камшавии захираҳои об дар минтақаҳои Осиёи Марказӣ гардида, боиси зарари зиёди хоҷагии кишоварзӣ ва бехатарии озуқаворӣ хоҳад шуд.

Мушкилии тақсимоти об дар Осиёи Марказӣ боз дар он зоҳир мегардад, ки Афғонистон дар Конвенсияи ҳифз ва истифодаи обҳои бурунмарзӣ (трансграничный), ки соли 1992 қабул шуда буд, иштирок накард, ки он яке аз муҳимтарин ҳуҷҷати идоракунии дарё ва кӯлҳои бурунмарзӣ мебошад. Аз тарафи дигар, захираҳои дигари минтақа Афғонистонро маҷбур месозад, ки дар оянда оид ба масъалаҳои муҳим бо ҳамсояҳо дар гуфтушунид ва алоқа бошад. Масалан Афғонистонро ҳоло Ӯзбекистону Тоҷикистон бо қувваи барқ ва Туркманистон бо газ таъмин мекунанд.

Роҳи ҳал чист?

Аз рӯи таҳқиқоти мутахассисони Бонки ҷаҳонӣ то соли 2030 иқлими Осиёи Марказӣ шояд то 47-48о С гарм шавад. Ин вазъият як қатор чорабиниҳои муҳимро дар минтақа талаб мекунад, зеро ба коҳиш ёфтани захираҳои об меоварад. Бинобар ин, яке аз роҳҳои муҳими пешгирии ин амалиёт ҳарчи зудтар ҷорӣ намудани системаи обёрии қатрагӣ мебошад. Истифодаи усули қатрагӣ то ду маротиба ҳосилнокиро зиёд намуда, то 60% захираи об ва нуриҳои минералиро сарфа менамояд. Мувофиқи маълумотҳо ҳангоми бо ҷӯяк об мондани пахтазор дар як гектар аз 10,5 то 15 ҳазор метри кубӣ об сарф мешавад, ҳол он ки бо усули қатрагӣ ин нишондиҳанда ба 1,1 ҳазор метри кубӣ мерасад.

Яке аз воситаҳои муҳими нигоҳ доштани захираҳои об - ин дар минтақа барқарор намудани бешазори куҳсор мебошад. Махсусан, дарахти арча бо решаҳои чуқури худ на ин ки намнокиро нигоҳ медорад, балки садди роҳи эрозия ва селу тарма дар минтақа мегардад.

Ҳамин тавр, танҳо дар якҷоягӣ ҳукуматҳои Осиёи Марказӣ ва Афғонистон имконият доранд, ки дар оянда вазъи нарасидани обро дар минтақа таъмин намоянд.

Холназар МУҲАББАТОВ,
доктори илми география,
профессор

Муҳаммад Ҷаъфари Ёҳақӣ:

МАН ФИРДАВСӢ ҲАСТАМ!



Рӯзҳои 13-14-уми октябри соли равон дар шаҳри Душанбе дуюмин Ҳамоиши байналмилалии "Ҷуғрофиёи таърихӣ ва фарҳангии "Шоҳнома"-и Фирдавсӣ" баргузор гардид. Ҳамоиши мазкур бо ташаббуси Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ доир гардида, шоҳномапажуҳони 15 кишварро ба ҳам овард. Бо яке аз иштирокчиёни ҳамоиш, донишманди маъруфи эронӣ, роҳбари Хирадсарои Фирдавсӣ Муҳаммад Ҷаъфари Ёҳақӣ суҳбат оростем, ки фишурдаи он манзури шумо мешавад.

- Устод азиз, дар яке аз суҳбатҳоятон гуфтед, ки ман Фирдавсӣ ҳастам...

- Банда мутаваллиди шаҳре ҳастам, ки Фирдавс ном дорад. Ин шаҳр воқеъ дар Хуросони Эрон аст. Дар дабиристони Фирдавсӣ дарс хондаам. Бинобар ин, аз кӯдакӣ ҳар ҷо исми Фирдавс ё Фирдавсиро шунавам, эҳсоси ачибе маро фаро мегирифт. Баъдан, ба Машҳад рафтам ва донишҷӯйи Донишгоҳи Фирдавсӣ шудам. Он солҳо барномаҳои зиёде дар Машҳад роҷеъ ба Фирдвсӣ баргузор мешуд, ки дар онҳо ширкат мекардам. Соли 1347-и мо, ки мешавад 1968-и шумо, Оромгоҳи Фирдавсӣ баъди ишколе, ки пеш омада буд, таъмиру тармим ва дубора ифтитоҳ шуд. Ман ба унвони донишҷӯ дар он ҷаласа ширкат доштам ва баъди он ҳар гоҳ фурсат пайдо мекардам, ба ин оромгоҳ мерафтам. Чанд сол баъд устоди Донишгоҳи Фирдавсӣ шудам ва 50 сол аст, ки Фирдавсӣ дарс медиҳам. Рисолаи фавқуллисон ва поённомаи доктории ман роҷеъ ба Фирдавсӣ аст... Яъне аз ин беш намешавад, ки ба Фирдавсӣ наздик буд. Бинобар ин, бо лутф гуфтам, ки ман Фирдавсӣ ҳастам...

- Илова бар ин, шумо феълан роҳбари Хирадсарои Фирдавсӣ ҳастед. Дар бораи ин марказ чанд ҳарф бигӯед.

- Хирадсарои Фиравсӣ ҳам ба Фирдавсӣ машғул аст. Меҳвари кори мо фирдавсишиносӣ ва шоҳномапажуҳӣ аст. Мо ҳар китоберо, ки дар ҷаҳон роҷеъ ба Фирдавсӣ нашр мешавад, дастрас ва муаррифӣ мекунем. Феълан ба нашри "Донишномаи Фирдавсӣ" ҳиммат гумоштаем, ки дастовардҳои фирдавсишиносии ҷаҳонро фаро мегирад. Илова бар ин, худамон ба таҳқиқ машғулем. Маҷалла дорем ва китобҳо нашр мекунем. Хирадсарои Фирдавсӣ як маркази озоди илмӣ аст ва вобастаи ҷумҳурии исломӣ нест. 26 сол пеш банда аз ҷониби ин ниҳод пешниҳод кардам, ки 25-и урдубиҳишт (15-уми май) дар Эрон ҳамчун Рӯзи Фирдавсӣ тақлил шавад. Пешниҳоди мо қабул ва ба рӯйхати ҷашнҳои давлатӣ ворид шуд. Хушбахтона, то имрӯз Бузургдошти Фирдавсӣ дар Эрон бо шукуҳ тақлил мешавад.

- Аз "Шоҳнома"-пажуҳони тоҷик бо киҳо ошноӣ ва ҳамкорӣ доред?



Муҳаммад Ҷаъфари Ёҳақӣ зимни суҳбат бо Одил Нозир

- Банда соли 1994 ҷиҳати иштирок дар Ҳазораи "Шоҳнома" аввалин бор ба Тоҷикистон омадам. Он вақт муҷассамаи Фирдавсӣ дар ҷойи ҳозираи майдони Исмоили Сомонӣ буд ва бахше аз ҳамоиш дар он ҷо баргузор гардид. Давоми ин солҳо бо Худоӣ Шарифзода, Расул Ҳодизода, Мирзо Муллоаҳмад, Камолиддин Айнӣ, Ҷӯрабек Назрӣ, Валӣ Самад, Амрияздон Алимардон, ки мутаассифона, ҳама ҷаҳони фониро падруд гуфтанд, ошноӣ ва ҳамкорӣ доштам. Китобу мақолоти ин бузургонро дар Эрон нашр кардаам. Чанд соли охир наомада будам ва равобитамон суст шуда буд. Феълан бо Фарҳод Раҳимӣ, Фарангис Шарифзода, Рустам Ваҳҳобзода, устод Абдунабӣ Сатторзода, Равшан Раҳмонӣ ва дигарон робита дорам ва умедворам, ки ҳамкориҳоямон идома меёбанд. Аммо афсӯс, ки аз дастовардҳои фирдавсишиносии солҳои охир мутталеъ нестам, ки далели ин надонистани хати сирилик аст.

- Шумо ба ин нукта дар суханрониатон ҳам ишора доштед ва боз аз пажуҳишгарони тоҷик гила кардед, ки аксар хати ниёгонро балад нестанд...

- Бале. Солҳои аввале, ки ман ба Тоҷикистон меомадам, таваҷҷуҳ ба хати ниёгон зиёд буд. Ҳатто номи мағозаҳо ва шиору овезаҳо дар баробари сирилик бо хати форсӣ буд. Дар маркази Душанбе мағозаи фурӯши китобҳои форсӣ амал мекард. Ҳоло чунин нест. Албатта, ин сабабҳое дорад, ки ман ба умқи онҳо намеравам. Вале зарурати фарҳангӣ ва таърихӣ ҳаст, ки қатъан ба донистани хати ниёгон зарурат дорад. Бинобар ин, пажуҳишгарон ва ҳар он касе, ки ба таъриху адабиёт машғул аст, бояд ин хатро омӯзад. Ҳазорҳо, садҳо ҳазор гуфтан ҳам кам аст, тоннаҳо китоб ба хати форсӣ мавҷуд аст. Дар худи китобхонаҳои Тоҷикистон садҳо ҳазор китоб ба хати форсӣ маҳфуз аст. Икмони ҳамаи онҳоро ба сирилик бозгардон кардан нест. Вале зарурат ҳаст, ки онҳо омӯхта шаванд. Зимни ҳамоиш мутаваҷҷеҳ мешудам, ки бархе аз пажуҳишгарони тоҷик бо сабаби надонистани хати форсӣ ҳарфҳоеро мегуфтанд, ки аллакай гуфта шудаанд ё аз бисёр пажуҳишҳо огоҳӣ надоштанд. Мо ҳам аз ҳарфҳои нави дӯстони тоҷик ба ваҷд меомадему афсӯс мехӯрдем, ки хати сириликро намедонем, ки ба ин манобеи гаронбаҳо дастрасӣ пайдо кунем. Бинобар ин, банда ба хулоса омадам, ки баробари рафтан ба Машҳад омӯзиши хати сириликро ба роҳ мемонем, зеро ин хат бисёр осон аст. Ҳам худам меомӯзам, ҳам шогирдонамро ҷалб мекунам.

- Шумо дар мавриди нусхаи "Шоҳнома"-е, ки дар Тоҷикистон нашр шудааст, ишора карда, гуфтед, ки он нусхаи боэътимод нест, балки мағлут аст. Чаро ба чунин хулоса омадед?

- Банда қаблан низ инро гуфта будам. "Шоҳнома"-е, ки дар Тоҷикистон нашр шудааст, дар асоси нусхаҳои ҷадид, ки мағлут ҳастанд ва бахшҳои зиёде ба онҳо илҳоқ шудааст, омодаи нашр шудааст. Ин нусхаҳоест, ки котибон зимни китобат ба он чизҳоеро илова ва ё кам кардаанд. Барои мисол дар ҳамин ҳамоиш як нафар мегуфт, ки "Барзунома" ҷузъи "Шоҳнома" аст, ҳол он ки, ин достони дигар аст. Ё дар суханронии чанд нафар байтҳоеро мешунидам, ки умуман моли Фирдавсӣ ва "Шоҳнома" нестанд. Вақте сухани Фирдавсӣ нест, бардошт ғалат мешавад. Бинобар ин, зимни анҷом додани таҳқиқоти илмӣ бояд ба нусхаҳои муътамад муроҷиат шавад. Феълан, беҳтарин нашри "Шоҳнома" чопи Холиқи Мутлақ аст, ки онро тавсия медиҳем. Нашри Москва ҳам хуб аст ва дӯстони тоҷик метавонанд аз он истифода кунанд.

- Шумо ҳамеша дар бораи Тоҷикистон бо муҳаббат ҳарф мезанед...

- Зеро Тоҷикистонро дӯст медорам. Аз соли 1994 то имрӯз қариб 40 бор ба Тоҷикистон омадаам. Дар бораи тоҷикон ва бузургони тоҷик зиёд навиштаам, аз ҷумла дар бораи осори устод Садриддин Айниву Баҳманёр ва дигарон. Ҳатто дар Ҳамоиши ҳозир ҳам мавзуи суҳбати ман "Шумони "Шоҳнома" - Ҳисори Тоҷикистон" унвон дошт. Банда бар он ҳастам, ки мо як адабиёт, як забон ва як фарҳанг дорем. Бинобар ин, бояд ҳамеша дар иртибот бошем.

Мусоҳиб:
Одил НОЗИР

ҶУДО

ШИРКАТИ ҲАФТ ПАҲЛАВОНИ ТОҶИК ДАР ABU DHABI GRAND SLAM-2023

Аз 24 то 26-уми октябри соли равон дар шаҳри Абу Забии Амороти Муттаҳидаи Араб мусобиқаи навбатии байналмилалии ҷудо дар доираи сайри ҷаҳонии ҷудо баргузор мешавад, ки дар он 453 варзишгар (285 мард ва 168 бону) аз 80 кишвар ширкат хоҳанд кард.



Тоҷикистонро дар ин мусобиқа ҷудокорон Муҳаммадсолеҳ Қувватов, Меҳрзод Суфиев (ҳар ду дар вазни то 60 кг), Обид Ҷебов (-66 кг), Беҳрӯз Хоҷазода (-73 кг), Сомон Маҳмадбеков (-81 кг) , Ҷаҳонгир Маҷидов (-90 кг) ва Эмомризо Анварзода (-100 кг) муаррифӣ мекунанд.

Фонди ҷоизаҳои мусобиқаи Abu Dhabi Grand Slam-2023 дар умум 154 ҳазор евроро ташкил медиҳад. Дар сабқатҳои инфиродӣ ба ғолибон дар ҳамаи 14 вазн 5000 евро, ба барандагони медали нуқра 3000 евро ва ба барандагони медали биринҷӣ 1500 евро тақдим мегардад. Ҳамчунин, варзишгарон барои беҳтар кардани мавқеашон дар раддабандии ҷаҳонӣ ва олимпӣ соҳиби имтиёз мешаванд. Барандагони нишони тилло соҳиби 1000 хол, барандагони нишони нуқра соҳиби 700 хол ва барандагони нишони биринҷӣ соҳиби 500 хол мегарданд.

ҶОМИ МЕРДЕКА

ТОҶИКИСТОН ДАР ЯК МУСОБИҚАИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ПИРӮЗ ШУД

17-уми октябр дар Варзишгоҳи миллии Букит Ҷалили Куала-Лумпури кишвари Малайзия бозии ниҳоии 42-юмин мусобиқаи Ҷоми Мердека баргузор шуд.



Дар ин мусобиқа бояд дастаҳои мунтахаби Малайзия, Ҳиндустон, Фаластин ва Тоҷикистон ширкат мекарданд. Дар даври ниманиҳоӣ Малайзия бо Ҳиндустон бозӣ кард ва бо натиҷаи 4:2 пирӯз шуд. Дастаи мунтахаби Фаластин бо далели вазъи ноором дар ин кишвар аз ширкат дар мусобиқа худдорӣ кард ва футболбозони Тоҷикистон бе бозӣ ба финал роҳ ёфтанд.

Дастаи мунтахаби Тоҷикистон бо тими Малайзия вохӯрд ва ба пирӯзӣ расид. Шогирдони Петр Сегрт бо натиҷаи 2:0 соҳибони мусобиқаро ном карданд ва Ҷоми Мердекаро соҳиб шуданд. Голҳоро Рустам Соиров (дақиқаи 44) ва Шаҳром Самиев (дақиқаи 88) заданд.

ҶОМИ ҶАҲОН-2026

ҲАМАИ ҲАРИФОНИ ДАСТАИ ТОҶИКИСТОН МАЪЛУМ ШУДАНД

Дастаи сеюми марҳилаи интихобии Ҷоми ҷаҳон, ки дар як гурӯҳ бо Тоҷикистон бозӣ мекунад, маълум шуд.

Акнун ҳамаи ҳарифони дастаи мунтахаби футболи Тоҷикистон дар марҳилаи дуюми интихобии Ҷоми ҷаҳон-2026 маълум шуданд. Тоҷикистон дар гурӯҳи “G” бо дастаҳои мунтахаби Арабистони Саудӣ, Урдун ва Покистон, ки даври якуми интихобиро бо муваффақият пушти сар кард, бозӣ мекунад.

Дастаи мунтахаби Покистон бори аввал дар таърихи худ дар даври интихобии Ҷоми ҷаҳон ба пирӯзӣ расид. Ин даста Камбоҷаро бо натиҷаи 1:0 ном кард ва ба даври дуюми интихобӣ баромад.

Тоҷикистон бозии аввалашро рӯзи 1-уми ноябр бо Урдун дар майдони худаш, бозии дуюмро дар сафар бо Покистон дар ҳамин моҳи ноябр баргузор мекунад.



Дар даври дуюми интихобии Ҷоми ҷаҳон-2026 аз кораи Осиё 36 даста ширкат мекунанд. Дастаҳо ба 9 гурӯҳ ҷудо шудаанд ва аз ҳар гурӯҳ дастаҳои ғолиб ва дастаҳои ҷойи дуюм ба марҳилаи сеюми интихобӣ роҳ меёбанд.

ЕВРО-2024

9 ДАСТА БА МАРҲИЛАИ ФИНАЛИИ ЧЕМПИОНАТИ ФУТБОЛИ АВРУПО РОҲ ЁФТАНД

Дастаҳои мунтахаби Белгия, Фаронса, Португалия, Испания, Шотландия, Туркия, Утриш ва Англия пеш аз муҳлат роҳхати даври ниҳоии Чемпионати Аврупо-2024-ро соҳиб шуданд. Олмон ҳамчун мизбон ба даври ниҳоии мусобиқа баромадааст.

Дар гурӯҳи “A” дастаҳои мунтахаби Испания ва Шотландия бо 15-имтиёзӣ ду роҳхатро ба даст оварданд. Дар гурӯҳи “B” дастаи мунтахаби Фаронса бо 18 имтиёз ва Утриш бо 16 имтиёз соҳиби ду роҳхати ин гурӯҳ гардиданд. Дар гурӯҳи “D” дастаи мунтахаби Туркия бо 16 имтиёз , дар гурӯҳи “F” дастаи мунтахаби Белгия бо 16 имтиёз ва дастаи мунтахаби Португалия дар гурӯҳи “J” бо касби 24 имтиёз роҳхати иштирок дар Чемпионати Аврупо 2024-ро ба даст оварданд. Дастаи мунтахаби Англия дар гурӯҳи «C» дар бозӣ бо дастаи Италия ба пирӯзӣ (3:2) расид ва дастаи дигаре шуд, ки ба қисмати финалӣ роҳ ёфт.

Дар марҳилаи интихобӣ 53 дастаи мунтахаб ба 10 гурӯҳ ҷудо шуда, барои 23 роҳхати даври ниҳоии Чемпионати Аврупо-2024 талош доранд.

Евро-2024 аз 14-уми июн то 14-уми июл дар 10 шаҳру 10 варзишгоҳи кишвари Олмон баргузор мегардад. 24 дастаи мунтахаб баҳри унвони қаҳрамонӣ талош хоҳанд кард. Қаҳрамони қаблии мусобиқа дастаи мунтахаби Италия аст.



РЕЗААХБОР



Ду варзишгари тоҷик - Муҳаммад Наимов ва Муин Ғафуров дар яке аз мусобиқаҳои маъруфи намуди муҳорибаҳои омехта дар шаҳри Абу Забӣ набард хоҳанд кард. Наимов дар вазни нимсабук (то 66 кг) бо размикори британиёӣ Натаниэл Вуд ва Муин Ғафуров дар мусобиқаи UFC 294 бо размикори доғистонӣ Саид Нурмагомедов қувваозмоӣ мекунанд.



***

Пас аз анҷоми қисми якуми бозии байни дастаҳои мунтахаби футболи Белгия ва Суид дар берун аз варзишгоҳи шоҳ Бодуэнаи шаҳри Брюссел ду мухлиси дастаи Суид аз тарафи як паноҳандаи тунисӣ парронда шуданд. Худи мухочим низ рӯзи дигар безарар гардонида шуд. Бозии дастаҳо дар доираи вохӯриҳои интихобии Евро-2024 қатъ ва ба вақти дигар гузошта шуд. То ин дам ҳисоб 1:1 буд.

***

Дастаи «Хатлон»-и Бохтар дар даври сеюми гурӯҳи «Б»-и Чемпионати Тоҷикистон-2023 дар майдони худ аз «Регар-ТадАЗ»-и Турсунзода бо ҳисоби 0:1 шикаст хӯрд. Баъди ин бохт «Хатлон» Лигаи олиро тарк мекунад ва соли оянда дар Лигаи якум бозӣ хоҳад кард. Ин аввалин бор аст, ки ин даста дар Лигаи олӣ ноком мешавад.

***

Дастаи футболи «Саразм»-и Панҷакент баъд аз пирӯзӣ бар дастаи «Металлург» пеш аз муҳлат ғолиби Лигаи дуюми футболи Тоҷикистон гардид. Дастаҳои «Румон», «Мастчоҳ», «Суғдиён» ва «Спитамен» барои ҷойи дуюм дар ин лига мубориза мебаранд. Дастаҳои «Металлург» ва «Ашт» дар зинаҳои охири ҷадвали мусобиқа қарор доранд.



МАРКАЗИ ПЕШГИРИИ ТЕРРОРИЗМУ ИФРОТГАРОӢ

Прокуратураи генералии Тоҷикистон хабар дод, ки дар ин ниҳод як сохтори нав бо номи "Маркази ягонаи иттилоотӣ оид ба пешгирии экстремизм, терроризм ва киберҷиноятҳо" таъсис ёфтааст.

Аз 9-уми октябри соли 2023 Институти омӯзиши масъалаҳои қонуният, тартиботи ҳуқуқӣ, ҷиноятқорӣ ва такмили ихтисоси кормандони мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон барномаи машғулиятҳои назариявию амалӣ оид ба муаррифии ин сохтори навро шуруъ кардааст. Дар бораи вазифаҳо ва ҳадафҳои ин марказ ҳанӯз чизе гуфта нашудааст. Киберҷиноятҳо, яъне ҷиноятҳое, ки бо истифода аз Интернет ва фанноварихои навин содир карда мешаванд, барои Тоҷикистон зуҳуроти нисбатан нав аст, вале терроризму ифротгарои ҷиноятҳое ҳастанд, ки Тоҷикистон солҳост бо онҳо мубориза мебарад.

▸▸ *Вокуниш-622*

ЛАТУКӮБИ ХОНАНДА АЗ ҶОНИБИ МУАЛЛИМ

Раёсати маорифи ноҳияи Рӯдакӣ матлаби "Латукӯби хонанда аз ҷониби муаллим"-ро мавриди баррасӣ қарор дода, иттиллоъ медиҳад, ки ҳодисаи мазкур рӯзҳои 25 ва 26-уми сентябри соли 2023 дар ноҳияи Рӯдакӣ рух додааст.

Бояд иттилоъ дод, ки хонандаи синфи 6-уми МТМУ №50-и ноҳия Усмоналиев Ҷовидон аввал дар саҳни мактаб бо ҳамсинфонаш муноқиша карда, пас аз дарс дар маҳалла муноқишаи гурӯҳӣ ташкил намудааст.

Пагоҳаш, 26.09.2023 роҳбари синф Саидов Иброҳим аз муноқишаи гурӯҳии хонандагон огоҳ гардида, нисбати Усмоналиев Ҷовидон рафтори ғайрипедагогӣ кардааст.

Ҳолати мазкур дар мушовараи Раёсати маорифи ноҳияи Рӯдакӣ бо иштироки муовини соҳавии раиси ноҳия ва кормандони ШВКД-1-и ноҳияи Рӯдакӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта, директори МТМУ №50 вазифадор карда шудааст, ки нисбати омӯзгор Саидов Иброҳим чорабиниҳои интизомӣ андешад.

Раёсати маорифи ноҳияи Рӯдакӣ

АКТЁРИ ТОҶИК ҶОСУС БУД?

Баъзе ҷузъиёти парвандаи Шарифҷон Тиллозода

Бахши русии Би-Би-Сӣ дар як матлаб ба бархе паҳлуҳои парвандаи ҳунарпешаи тоҷик Шарифҷон Тиллозода, ки ба ҷосусӣ айбдор мешавад, таваҷҷуҳ кардааст. ФСБ-и Русия Тиллозодаро ба ҷосусӣ барои Украина айбдор мекунад ва додгоҳи ноҳияи Лефортовои шаҳри Маскав ӯро то 10-уми декабри соли 2023 ба ҳабс гирифтааст.



Манбаъ менависад, ки Тиллозода ҳанӯз дар миёнаҳои моҳи сентябр ба расонаҳо видеое фиристода, дар он гуфтааст, ки дар як машқгоҳи ҳарбӣ машқ карда истодааст ва "маҷбур аст, ки ба ҷанг биравад, чунки илоҷи дигар надорад". Тиллозода дар ин навор шарҳ надодааст, ки чаро маҷбур аст, ки ба ҷанг биравад.

Аввалин шуда хабари бо иттиҳоми ҷосусӣ барои Украина дастгир шудани Тиллозодаро нашрияи ба мақомоти қудрати Русия наздики Mash | Мэш нашр кард.

Ин нашрия навишт: "Як ҷосуси зодаи Тоҷикистонро дар Маскав боздошт ва аллакай ҳабс карданд. Ӯ ба таври мунтазам ба Хадамоти амнияти Украина (СБУ) дар бораи макони ҷойгиршавии шабакаҳои дифои зиддиҳавоӣ дар атрофи пойтахти Русия маълумот мефиристод".

Шарифҷон Тиллозода 32 сол дошта, худро ҳамчун ҳунарпешаи синамо муаррифӣ мекунад. Ӯ 7-уми апрели соли 1991 дар деҳаи Филмандари шаҳри Панҷакент ба дунё омадааст. Дар "Фейсбук" ва дигар шабакаҳои иҷтимоӣ хеле фаъол буда, қариб ҳар рӯз аксу видео мегузошт ва талош дошт, ки дар филмҳои ҳиндию туркӣ нақш иҷро кунад. Вақтҳои охир ҳамчун муҳоҷири корӣ ба Русия рафта буд.

РОНАНДА КОРМАНДИ БДА-РО ЗАДУ ГУРЕХТ



Маркази матбуоти РВКД вилояти Суғд рӯзи 17-уми октябри соли 2023 бо нашри як гузориши видеоӣ аз боздошти як ронанда барои ҳамла ба корманди БДА дар ноҳияи Мастчоҳ хабар дод.

Бино ба ин гузориш, санаи 13-уми октябри соли 2023, тахминан соати 10:25 ронандаи мошини тамғаи "Ҳюндай Солярис", бо рақамҳои вилояти Маскави Русия: А 878 ХС 790, Давлатзода Соҳиб Искандар, с. т. 1989, сокини ноҳияи А. Ҷомии вилояти Хатлон, ҳангоми ҳаракат дар ҳудуди ҷамоати Мастчоҳ мошинашро дар самти муқобил гузошта, ба дигар иштирокчиёни ҳаракат халал расонидааст. Нозирони шуъбачаи БДА ноҳияи Мастчоҳ, ки дар ҳудуди маҳаллаи Зарафшони ҷамоати Мастчоҳ хидмати худро пеш мебурданд, аз Искандар Давлатзода талаб кардаанд, ки ҳуҷҷати ронандагиашро нишон диҳад.


Искандар Давлатзода дар гузориш ҳодисаро чунин нақл кард: "Ҳуҷҷататро деҳ гуфт, надодам. Ӯ дарро қапид. Ҳай кардам, намедонам, чанд қадар рафтам, ки ӯ афтид. Ман дигар тарсидам ва ҳай кардам, рафтам...".

Феълан, бар асоси моддаи 328 гумонбарро то 5 соли зиндон интизор аст.



ҒОРАТИ 200 БАНКОМАТ

"Эсхата" 600 ҳазор зарар дид, "Спитаменбонк" чӣ?



Маркази матбуоти ВКД Тоҷикистон аз боздошти се нафаре хабар дод, ки дар ҳудуди шаҳри Душанбе ва вилоятҳои Суғду Хатлон ҳудуди 200 банкомати пулгузаронӣ, аз ҷумлу 92 банкомати "Эсхата", 99 банкомату терминали бонки "Ҳумо" ва як терминали "Спитаменбонк"-ро зада, шикаста, пулҳои дар даруни банкоматҳо гузошташударо ба яғмо бурдаанд.

Танҳо аз 92 банкомати "Эсхата" ғоратгарон дар умум 600 ҳазор сомонӣ пули нақдро тасарруф карданд. Гуфта мешавад, ки зарари расонидашуда ба "Ҳумо" ва "Спитаменбонк" низ маблағи бузургро ташкил медиҳад. Ин ҳалқаи ҷиноиро кормандони шуъбаи дуюми милитсияи ноҳияи Синои пойтахт муайян ва дастгир кардаанд.

Бино ба гузориши Сироҷиддин Шакурӣ, сухангӯи Раёсати корҳои дохилии шаҳри Душанбе, роҳбари ин гурӯҳи ҷиноӣ Фарҳод Ҳасанови 32-сола, сокини ноҳияи Темурмалик буд, ки қаблан бо ҷурми дуздӣ суд шудааст. Бо ӯ дар ғорати банкоматҳо Шуҳрат Қурбонов, сокини низ 32-солаи ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ ва Мунис Зуҳурзода, сокини 23-солаи шаҳри Кӯлоб ҳамдаст будаанд.

Гуфта мешавад, ки ҷиноятқорон барои он ки аъмолашон ошкор нашавад, маҳали дуздиҳои худро зуд иваз мекарданд ва барои мисол, як муддат дар шаҳри Душанбе, баъди он дар ҳудуди вилояти Хатлон ва сипас дар Суғд банкоматҳоро мешикастанд.

15 СОЛ БАРОИ КУШТОРИ 20 СОЛИ ПЕШ

Суди олии Ҷумҳурии Саха (Ёқутистон) дар минтақаи Сибири Русия як марди 55-солаи зодаи Тоҷикистон ва як зани 38-солаи зодаи Ёқутистонро дар ҷинояти одамкушие, ки 20 сол қабл дар шаҳри Якутск, пойтахти ин ҷумҳурӣ содир кардаанд, гунаҳкор шинохта, занро ба 7 соли зиндони низомаш умумӣ ва мардро ба 15 соли зиндони низомаш сахт маҳкум кард.

Бино ба фарзияи суд, марди зодаи Тоҷикистон аз 1-уми октябр то 16-уми декабри соли 2003 бо зани зодаи Ёқутистон ҳуҷраеро иҷора мегиранд. Баъдан бо роҳи фиреб кӯшиш мекунанд, ки соҳибхона хонаро ба номи онҳо кунад. Чун пиразан саркашӣ мекунад, ӯро дар як гӯшаи беодам бӯғӣ карда, ҷасадашро дар чуқурии як гараж зери хок кардаанд. Баъдан манзили пиразанро фурӯхтатаанд. Барои он ки касе шубҳа накунад, онҳо ба номи пиразан чиптаи ҳавопаймои яктарафа харида, ба ҳамсояҳо эълон кардаанд, ки гӯё ӯ барои зиндагии доимӣ ба Новосибирск кӯчидааст.


ДАРЗМОЛ КАРДАНИ КУРТА БАР ИВАЗИ ҚАРИБ 2 МИЛЛИОН РУБЛ

Дар шаҳри Курски Русия барои зарари бузурге, ки дар натиҷаи сӯхтор дар фурӯшгоҳи "Бумеранг" расонида шуд, ҷавони 27-солаи зодаи Тоҷикистон Файзуллоев ба 1 солу 10 моҳи корҳои ислоҳӣ маҳкум шуд.

Бар асари сӯхтори рӯзи 2-юми сентябри соли 2022 дар ин фурӯшгоҳ як нафар ба ҳалокат расида, 12 нафари дигар зарар диданд. Телеграм-канали хадамоти муштараки додгоҳҳои вилояти Курск рӯзи 14-уми октябри соли 2023 хабар дод, ки аз Файзуллоев барои тарафи ҷабрдида - мағозаи "Ситилинк" ҳамчунин 1 миллиону 887 ҳазор рубл, ё наздики 19 ҳазор доллар рӯёнида мешавад.

Бино ба фарзияи тафтишот, 2-юми сентябри соли 2022 Файзуллоев ба ҷои кораш дар мағозаи "Омега-Планет", вақеъ дар қабати сеюми фурӯшгоҳи "Бумеранг" омада, дарзмоли бухорӣ (отпариватель)-ро ба барқ пайваст карда, як куртаро дарзмол кардааст. Вале баъд ӯ аз хати барқ берун кашидани сими дарзмолро фаромӯш кардааст.





БЕМОРИҲОИ МАРДОНА

ТАБОБАТИ ОСОНУ АРЗОНИ ОН

Ман марди 45-сола ҳастам ва зиёда аз 20 сол боз ронандагӣ мекунам. Азбаски ронандаи автобус ҳастам, субҳи солеҳон бонги хурӯс набаромада ба кор меравам ва нимашаб хаставу лакот ба хона меоям. Рӯзи дароз нишастан ба саломатиам бетаъсир намонда, ба бемории ҷонкоҳи простатит гирифтор шудаам. Оё роҳҳои табобати халқии простатит мавҷуд аст?

МУРОДҶОН,
шаҳри Душанбе



Ба ин саволи шумо табиби мардумӣ САДРИДДИНШО НАСРИДДИНШОЕВ посух мегӯяд:

- Маъмулан ба бемориҳои ғадуди таносулӣ мардони аз 50-60-сола бало гирифтор мешаванд, вале баъзан ҷавонмардон низ аз бепарвоӣ нисбат ба саломатии худ ба ин касалӣ мубтало мешаванд. Простатит бемории ҷиддӣ буда, дар сурати табобат накардан касро ба дигар касалиҳо мубтало гардонида метавонад. Бинобар ин, мардонро лозим аст, ки бо мушоҳида намудани аввалин нишонаҳои простатит ҳатман ба табибони уролог ё андролог мурочиат намоянд. Айни замон банда чанд давои санҷидашударо ба шумо пешниҳод месозам, вале бори дигар таъкид мекунам, ки ҳатман як маротиба ба духтури уролог ё андролог мурочиат намуда, аз ташис гузаред.

1. Хонае нест, ки дар он пиёз ёфт нашавад. Ҳамагон онро барои пухтани ғизо истифода мебаранд, вале кам касон аз хусусиятҳои табобатии пиёз огоҳӣ доранд. Пиёз ба чандин дардҳо, аз ҷумла ба бемориҳои мардона низ давост. Шуморо лозим аст, ки ҳамагӣ 50 грамм пӯсти пиёзи бехиро дар 700 грамм об муддати 4-5 дақиқа ҷӯшонида, баъд оташро хомӯш намоед. Як соат пас оби пиёзро аз дока полонед ва 1-пиёлагӣ пеш аз хӯрок ва баъди хӯрок истеъмол кардан гиред. Ин амалро чанд рӯз такрор кунед, натиҷаашро мебинед.

2. Барои табобати простатит аз растаниҳои шифобахш низ даво тайёр кардан мумкин аст. Миқдори баробари гиёҳҳои раҳдавак, газанда, ҷаъфарӣ (петрушка), барги марминҷон, думи гов ва гули гандумро гирифта, бо ҳам омехта созед. Ҳар рӯз 2 қошуқ аз ин гиёҳҳои омехтаро дар чойник андозед ва аз болояш тахминан 400 грамм оби ҷӯшидагӣ рехта, даҳони зарфро маҳкам кунед. Ҳудуди 1 соат пас бояд гиёҳобро аз дока полонед. Рӯзе 4 маротиба нимистаконӣ пеш аз хӯрок аз ин даво нӯшидан гиред, ба зудӣ аз ранҷу азоби простатит раҳоӣ меёбед.

3. Акнун ба шумо як давои ширин ва хушмаззаро тавсия медиҳам, ки ҳам аз хӯрданаш лаззат мебаред ва ҳам шифо меёбед. Ин давои беназир анҷир мебошад. Ҳар бегоҳ 3-4 дона анҷири хушкро дар оби ҷӯш тар кунед ва субҳгоҳон аввал анҷирро хӯрда, баъд обашро нӯшед.

ТАЪКИД:

Ногуфта намонад, ки гиёҳҳои морчӯба, мармарак, чилбуғум ва газна низ ба дарди шумо даво гашта метавонанд. Як нуктаро таъкид карданӣ ҳастам, ки аксари беморон як одати бад доранд, ҳамин ки ҳолашон камтар беҳтар шуд, табобатро қатъ мекунанд. Албатта ин хатои бузург аст, барои он ки ба пуррагӣ аз ранҷи беморӣ халос шавед, табобатро то ба пуррагӣ шифо ёфтан идома додан лозим аст.

▸▸ *Бояд донист!*

ФОИДА ВА ЗАРАРИ ҚАҲВА



Нӯшидани қаҳва ба ҳар кас таъсири гуногун дорад. Амиқтар карда гӯем, агар ин нӯшокӣ ба як нафар фоидаовар бошад, ба каси дигар ҳатман зараровар аст.

Ба киҳо нӯшидани қаҳва зараровар аст?

Агар пас аз нӯшидани қаҳва таппиши дилатон тез гардад, бедорхобӣ ва бадхашмӣ дар шумо ба вуҷуд ояд, дар ин ҳолат аллакай худи шумо аз нӯшидани қаҳва даст мекашед.

Ҳолати дигар - аз нӯшидани қаҳва шумо ҳаловат мебаред ва аз ин одати худ даст кашида наметавонед. Бешубҳа, қаҳва барои одамоне, ки фишори баланди хун доранд ва аз бемориҳои гуногуни дил азият мекашанд, зараровар аст. Яъне, нӯшидани қаҳва ба гирифторони бемориҳои касалии дил тавсия дода намешавад. Зеро истеъмоли ин нӯшокӣ танзимгарии таппиши дилро вайрон мекунад ва кори дил бад мегардад. Инчунин, бухрони фишорбаландии хун сар заданаш мумкин аст.

Ба одамоне, ки гирифтори касалии гурда мебошанд, нӯшидани қаҳва мумкин нест. Зарари қаҳва ба гирифторони ин беморӣ исбот шудааст.

Толеънома



Ҳамал
21.03 - 20.04

Аз нафароне, ки тамоми камбудиву бартариҳоятонро дар рӯятон мегӯянд, хафа нашавед. Барои ба даст овардани боварии яке аз наздикон кӯшиши зиёд ба харҷ доданатон лозим меояд. Мушкилиҳои сарзадаро ба дил наздик қабул накунед, ҳама чиз мегузарад.



Савр
21.04 - 21.05

Давоми ҳафта нерӯи бештари худро ба касбу кор равона карданатон лозим аст. Маслиҳату тавсияҳоеро, ки аз ҷониби калонсолон мешунавед, сарфи назар насозед. Ба хароҷоти беҳуда роҳ надиҳед. Дағаливу фишори аз андоза зиёд муносибатҳои ошиқонаро барбод медиҳад.



Ҷавзо
22.05 - 21.06

Аз ҷасурона рафтор намудан натарсед. Агар чизеро дар зиндагии худ тағйир додан мехоста бошед, аз ҳамин ҳафта амал кунед. Ба чоҳе, ки як бор дар он ғарқ шудаед, дуюмбора надароед, яъне хатоеро, ки қаблан содир карда будед, ба он роҳ надиҳед.



Саратон
22.06 - 23.07

Мушкиливу тарс садди роҳи пешравиҳои шумо гаштааст. Баъзан гумон мекунед, ки нафаре ба шумо зарар мерасонад. Беҳтараш фикру андешаи манфиро аз сар дур кунед, дар акси ҳол дар коре муваффақ намегардед. Тамоми ғамхӯриву ташвишатон беҳуда аст.



Асад
23.07 - 22.08

Дар ин ҳафта худро қадр карданатон лозим аст, хусусан камбудиҳоятонро қабул созед. Барои аз даст нададони бахту барор бояд ҳушёриро пеша намоед. Ба хотири амалӣ сохтани орзуҳои худ маблағ ҷамъ карданатон лозим аст.



Сумбула
23.08 - 22.09

Дар касбу кор аз ҳад зиёд ҷиддиву серталаб нашавед. Атрофиёнро бо нармгуфториву дилёбӣ ба кор дилгарм созед. Эҳтимоли ба даст овардани маблағи хуб пайдо мешавад. Нафароне, ки бештар дар ҷои кор ҳастанд, боя бад барои ҳаёти шахсӣ вақт ҷудо карданро омӯзанд.



Мизон
25.09 - 22.10

Муҳаббату самимияти шумо дар ин ҳафта атрофиёнатонро хушҳол месозад. Дар одамон бартарӣ наҷӯед, балки камбудиҳояшонро низ қабул кунед. Ба дошгаи худ қаноат намуда, ба дигарон ҳасад бурданро бас кунед. Хафагиву ранҷишро фаромӯш кунед.



Ақраб
23.10 - 22.11

Монеаву душвориҳо дар роҳатон хеле кам мешаванд. Агар аз ҳудаи коре баромада наметавонистаа бошед, беҳтараш аз бахраш бароед. Баъзе зодагони мучали ақраб аз муҳаббати беҷавоб азият мекашанд. Барои аз дил дур кардани ғаму андуҳ бояд асабҳоро ором созед.



Қавс
25.11 - 21.12

Вақте расидааст, ки бо кори арзанда машғул шавед. Омода бошед, ки дар баробари шунидани таърифу тавсиф аз пасатон ғайбату бадгӯӣ зиёд мешавад. Агар гуноҳи худро ба гардан гиреду аз пайи ислоҳшавӣ шавед, муваффақият насибатон мегардад.




Ҷаддӣ
22.12 - 20.11

Агар вақти бештари худро ба корҳои беҳуда сарф карда бошед, барои анҷом додани корҳои муҳим то нимаи шаб кор карданатон лозим меояд. Каме нармгуфтор бошеду гузашт кунед. Давоми ҳафта нисбати дӯстдоштаи худ фишор наоред, бигзор ба хости дили худ рафтор кунад.



Далв
21.01 - 19.02

Бо дошгаи худ қаноат карданро омӯзед. Имконияти ба кор бурдани навгониҳоро аз даст надиҳед. Аз кори хатарнок, вале даромаднок даст накашед. Шумо дар ин шабу рӯзҳо дар ҳама кор муваффақ шуда метавонед. Нисбати дӯстдоштаи худ фармонфармой накунед.



Ҳут
20.02 - 20.03

Шумо дарк мекунед, ки на ҳама чизи нав боиси беҳбудӣ аст. Вақти бештари худро бо нафароне гузаронед, ки нисбаташон боварӣ доред. Агар дӯстдоштаатон шармгин бошад, ӯро ба суҳбати ошкоро даъват кунеду дар бораи ояндаи муштараки худ маслиҳат кунед.

ДУХТАРИ ПРОКУРОР

чӣ Саодат Азизоваро ба фарроши водор кард?

Суҳбати мо бо Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон Саодат Азизова дар бойгонии Театри давлатии академӣ-драммавии ба номи Абулқосим Лоҳутӣ қариб се соат тӯл кашида, бисёр ширин ва гуворо буд, вале аз он муҳовараи хотирмон танҳо чанд хӯшаро ба шумо - хонандагони азизи "Тоҷикистон" пешкаш менамоем.



- Дар оилаи прокурор ба дунё омадаед, бародарону хоҳаронатон низ рӯ ба сиёсат оварданд, вале шумо ҳунарпеша шудед. Чаро?

- Дар ҳақиқат, қиблагоҳам Абдуқаҳҳор Азизов яке аз прокурорҳои номдори давр буданд ва он касро дар ҳар ду-се сол аз як ноҳия ба ноҳияи дигар ба кор мефиристоданд. Аз ҳамин сабаб бародарону хоҳарони ман дар ноҳияҳои гуногун таваллуд шудаанд. Ман дар Панҷакенти бостонӣ ба дунё омадаам, вале таҳсиламро дар Шаҳритуз сар кардам. Баъдтар падарамро ба Нуробод фиристоданду ба он ҷо кӯчидем ва ман таҳсиламро дар Нуробод идома дода, дар Данғара мактабро хатм кардам. Мудом дар кӯчокӯч бошем ҳам, дар кадом мактабе ки набошад, ман ҳатман ба маҳфили санъаткорони ҷавон аъзо мешудам ва дар чорабиниҳои фарҳангӣ баромад мекардам.

- Дар саҳначаҳои мактабӣ нақш бозидан як чизу актриса шудан тамоман чизи дигар. Дили волидонатонро чӣ тавр ёфтед, ки барои ба Донишкадаи санъат дохил шуданатон розигӣ доданд?

- Падарам мехостанд, ки ман мисли он кас ҳуқуқшинос шавам. Ҳамеша мегуфтанд, ки Саодат хислати мардона дорад, бар замми ин, бисёр адолатпараст ва ҳақиқатҷӯй аст, аз вай прокурори хуб мебарояд. Аммо меҳри санъат ғалаба кард ва ман ба факултаи санъати Донишкадаи омӯзгорӣ, ки нав таъсис ёфта буд, дохил шудам. Дар гурӯҳи мо бачаҳои ҳунарманду боистеъдод зиёд буданд, Фаррух Қосимов, Шералӣ Абдулқайсов, Баҳодур Миралибеков, Латофат Барзиева, Майрам Турсунова, Сабоҳат Набиева, Ғаюр Ашӯров. Ҳанӯз аз курсҳои аввал мо, аҳли гурӯҳ ҳар рӯз баъди дарс ба Театри Лоҳутӣ меомадем, то ки дар машқу тамрини ҳунармандон иштирок карда, чизеро омӯзем. Аксари вақт то як поси шаб дар театр мемондем. Хушбахтам, ки гарду чанги саҳнаро хӯрда-хӯрда, аз Муҳаммадҷон Қосимов, Хушназар Майбалиев, Тамара Абдушукурова, Турахон Аҳмадхонов, Маҳмудҷон Воҳидов ва Ато Муҳаммадҷонов барин устодони санъат сирру асрор ва нозукиҳои ҳунари актёриро омӯзаму солиёни зиёдест, ки аз рӯйи ин пеша нон мехӯрам.

- Шумо худатон аллакай устоди ҳунар ҳастед, вале то ҳол мисли навшогирде, ки аз дидани бузургон ба вачд омадааст, дар бораи устодонатон бо меҳру ихлоси саршор аз ифтихор ҳарф мезанед...

- Беҳуда нагуфтаанд: "Ҳеҷ кас аз пеши худ чизе нашуд...". Ҳар чӣ, ки мо дар зиндагӣ дарёфтем ва ба даст овардем, самари заҳмат ва сабақи ҳамон устодони бузург аст. Устодони мо бисёр сахтгир, вале ҳамзамон меҳрубон буданд, масалан Ато-ака (Ато Муҳаммадҷонов) баъди ҳар як намоишномаи нав ба мо, ҳунармандони ҷавон яктахтагӣ шоколад туҳфа меоварданд, ҳам ба бачаҳо ва ҳам ба духтарҳо. Ато-ака бисёр инсони дарёдил ва дасткушод буданд, ҳар гоҳ, ки барои хӯроки нисфирӯзӣ ба чойхонаи "Роҳат" раванд, мо, донишҷӯёнро пешандоз карда, ҳамроҳашон мебурданд, ки шикаматонро сер кунед, охир шумо то нимаҳои шаб дар театр монда, кор мекунед. Зиндаёд Маҳмудҷон Воҳидов чунин хислати ҳотамона доштанд. Дар наздикии театр як сехи нонпазӣ буд ва устод Маҳмудҷон Воҳидов ҳар рӯз вақти ба кор омаданашон аз он ҷо нони гарму ширинихо харида меоварданд ва дар театр барои мо, ҷавонон "чойхӯрак" ташкил мекарданд, баъд машқро сар мекардем.

- Аввалин нақшҳои бозидаатонро ёд доред?

- Аввалин нақшҳои дар саҳна бозидаам Адиба аз "Интихоби домод"-и Ҳоҷӣ Содиқ дар таҳияи Ҳошим Гадоев ва Назорат аз намоишномаи "Хатро ман навиштам"-и Файзулло Ансорӣ дар таҳияи Ҳоҷиқул Раҳматуллоев буд. Ҳеҷ аз ёдам намеравад, дар намоишномае ману Ато Муҳаммадҷонов ҳамроҳ бозӣ мекардем. Аз рӯйи песа ман бояд пойҳои он касро оғӯш карда, зорӣ мекардам, ки нараванд. Қаҳрамонам суханони зиёде дошт, вале ҳар дафъа пойҳои Ато-акаро оғӯш карда, гирякунон "Наравед, илтимос, наравед" мегуфтам ва аз шиддати ҳаяҷон давомашро фаромӯш мекардам. Устод дар ғазаб шуда, сарзаниш мекарданд, ки чаро ту ҳар дафъа дар ҳамин ҷойи намоишнома дармемонӣ. Сарамро хам карда, мегуфтам, ки ман дар ҳақиқат аз рафтани шумо метарсам. Шумо нақшатонро чунон пуртаъсир бозӣ мекунед, ки хаёл мекунам падари худам моро партофта рафта истодааст.

- Аз интихоби домод ҳарф задед, дар ҳаёти худатон домодро кӣ интихоб карда буд: шумо ё волидонатон?

- Дар оилаи фарҳангӣ ба воя расида бошам ҳам, ишқу ошиқӣ бароям тамоман бегона буд. Азбаски бисёр духтари ҷиддӣ будам, бачаҳо ҷуръат намекарданд, ки ба ман гап партоянд ё номаи ошиқона нависанд. Фикру ёдам фақат ба хондану кор банд буд, вале тақдир маро бо Салим Муқим ҳамхонаю ҳамқисмат гардонд.

- Шумо, як зани ҷавон, зебо, ҳунарманд ва машҳур барвақт аз бахт бенасиб гаштед, вале дубора шавҳар накардед. Чаро?

- Вақте ки шавҳарам аз дунё гузашт, ман ҳамагӣ 30-сола ва ҳомилаю фарзанди сеюмамро интизор будам. Албатта, таъмини се фарзанд барои як зани танҳо бисёр душвор аст. Раҳматии падарам пули нафақаашонро ба ману бачаҳоям мефиристоданд, бародарону хоҳаронам кумак мекарданд, вале ман, ки табиатан бисёр инсони боғурур ҳастам, ҳеҷ гоҳ пеши касе сар хам кардан намехостам. Хотири фарзандонам ҳатто фаррошӣ мекардам. Он солҳо мо дар хобгоҳ зиндагӣ мекардем. Саҳарии барвақт аз хоби ширинам барҳоста, роҳрави биноро мерӯфтам, мешустам, баъд либосҳоямро пӯшида худро ба тартиб меовардаму ба театр мерафтам ва дар саҳна нақш мебозидам. Ҳамин тавр тамоми ҳастиамро ба фарзандонам бахшида, онҳоро калон кардам, хондондам, соҳиби хонаю дар намудам. Албатта буданд мардоне, ки ба ман таваҷҷуҳ зоҳир мекарданд, вале ба ягонтояшон ҳатто имкони лаб кушодан намедодам, чунки Салим аз дунё гузашта бошад ҳам, ишқи ӯ ҳамеша дар дили ман зинда буд.

- Ба шумо муяссар гашт, ки имсол ба зиёрати Каъба рафта, ба номи баланди ҳоҷибибӣ мушарраф гардед...

- Бале, писарам чанд сол боз орзу мекард, ки маро ба Ҳаҷ барад ва ниҳоят имсол дар моҳи шарифи Рамазон ба муроди диламон расида, ба зиёрати Каъба рафтем. Дуо мекунам, ки Худованд ҳамаи онҳоеро, ки орзу доранд, ба зиёрати Ҳаҷ мушарраф гардонад.

Мусоҳиб:
Ф. САТТОРӢ

Мавлудномa

• 19 ОКТЯБР •

Маърифат Қозиҷонов (1913-1983), 110-солагии зодрӯзи доктори илми педагогӣ.

Лутфӣ Обидхӯҷа (1898-1957), 125-солагии зодрӯзи шоир.

Лев Давидов (1893-1968), 130-солагии зодрӯзи географ-гидрологи рус, таҳқиқгари ҷуғрофияи Тоҷикистон.

• 20 ОКТБЯР •

Юсуф Алӣ (1913-1966), 110-солагии зодрӯзи шоир.

Абдулло Юлдошев (1948), 75-солагии зодрӯзи дипломат ва адабиётшинос. Муҳаққиқи равобити адабии тоҷику араб.

Мақсудҷон Инъомов (1953), 70-солагии зодрӯзи доктори илми таърих, профессор.

Музаффар Қосимов (1943), 80-солагии зодрӯзи олими соҳаи тиб.

Рустам Назаров (1953), 70-солагии зодрӯзи доктори илми фалсафа, профессор.

Муҳаммадшарифи Рустам (1958), 65-солагии зодрӯзи шоир.

Шодӣ Сафаров (1958), 65-солагии зодрӯзи доктори илми педагогӣ, профессор.

• 21 ОКТЯБР •

Элла Кушлина (1928), 95-солагии зодрӯзи забоншинос.

Азим Маҳмадов (1928), 95-солагии зодрӯзи файласуф.

Владимир Режевский (1943), 80-солагии зодрӯзи олими соҳаи физика.

• 22 ОКТЯБР •

Аҳрор Ботуров (1968), 55-солагии зодрӯзи мутриб, педагог.

Раҳим Назаров (1958), 65-солагии зодрӯзи олими соҳаи физика.

Мирзосаид Саидов (1953), 70-солагии зодрӯзи доктори илми иқтисодӣ.

Сангалӣ Хоҷаев (1903-1981), 120-солагии зодрӯзи устоди рақс, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

• 23 ОКТЯБР •

Александр Макарченко (1903-1979), 120-солагии зодрӯзи доктори илми тиб, профессор.

Толибҷон Носиров (1938-2002), 85-солагии зодрӯзи олими соҳаи физика.

• 24 ОКТЯБР •

Салимҷон Бурҳонов (1948), 75-солагии зодрӯзи мутриб, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон, дорандаи "Ордени Шараф" дараҷаи 2.

Мамасолӣ Мамашарифов (1948), 75-солагии зодрӯзи олими соҳаи тиб.

Сергей Прокопенко (1923-1991), 100-солагии зодрӯзи арбоби давлатӣ, олими соҳаи иқтисод.

Шарофиддин Тӯйчиев (1943), 80-солагии зодрӯзи доктори илмҳои физика ва математика, профессор, узви вобастаи АМИТ.

• 25 ОКТЯБР •

Саноат Норқулова (1953), 70-солагии зодрӯзи олими соҳаи тиб.

Маъдӣ Орзуев (1933-1998), 90-солагии зодрӯзи доктори илми тиб, профессор, Ходими шоистаи илми Тоҷикистон.

Иброҳим Сатторов (1933), 90-солагии зодрӯзи олими соҳаи тиб.

Ҳоҷӣ Содиқ (1913-1990), 110-солагии зодрӯзи нависанда, Корманди шоистаи маданияти Тоҷикистон.

Аҳмад Сӯфиев (1948-2004), 75-солагии зодрӯзи олими соҳаи педагогика.

Таҳияи З. ГУЛМУРОД, Н. БАҲРУЛЛО,
кормандони Китобхонаи
миллии Тоҷикистон

Аз идора

Шахсиятҳои таърихӣ, олимони варзида, ходимони давлативу ҷамъиятӣ мавлуд доранд?

ПЕШОПЕШ МОРО ОГОҲ КУНЕД!

Тел: 221-00-84

Эълонҳои бештар дар ARZON.TJ

МЕФУРӮШАМ

► ҲАВЛӢ

►Ҳавлӣ барои оилаи калон, 10 дар хона, 5 сотих замин, бо тамоми шароит ва ҷиҳозаш, дарову зиндагӣ кун, ё бо 2 ё 3-ҳуҷрагӣ ва иловапулӣ ба ман иваз мекунам. Тел.: 927-70-23-38

НИЁЗ ДОРЕМ

►Муассисаи давлатии Мактаби ҷумҳуриявии маҳорати олии варзишӣ оид ба куҳнавардӣ, шухпаймой ва лижаронии куҳӣ мураббии куҳнавардиро ба кор даъват менамояд. Тел.: 93-486-01-11

ЭЪТИБОР НАДОРАД

►Муҳри ҶДММ “Равшан Қасоб”, РЯМ: 0110029572, РМА: 010106070, соли 2023, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

►Шартномаи хариду фурӯш таҳти феҳристи №1Ш-1603, аз 18.04.2008 ба номи Ҳасанова Сайлигул Талбаковна, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Мир Алӣ 116, ҳ. 44, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Аттестати синфи 11 Т-АТУ №1166473 ба номи Абдуллоева Анисабону Баҳриддиновна, соли таҳсил 2022-2023, ки аз ҷониби гимназияи №74-и ноҳияи Фирдавсӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

►Аттестати синфи 11 №0352514 ба номи Наргиси Саъдӣ, ки соли 2010 аз ҷониби МТМУ №90-и ноҳияи Сино дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

►Дафтарчаи имтиҳонотӣ ба номи Курбанова Муатара, курси 3, факултаи кори ҳамширагӣ, ки аз Коллеҷи тиббии ғайридавлатии ноҳияи Рӯдакӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

►Шаҳодатномаи соҳибкории инфиродӣ №0423073, ба номи Бобоева Фарзона Нарзулоевна, РЯМ: 0130181948, РМА: 015922101, санаи судур 12.03.2020, ки дар Нозироти андози ноҳияи Шоҳмансур ба расмият дароварда шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи нафақавӣ ба номи Бутаев Ҳамрокул Воҳидович, ки аз соли 2008 аз ҷониби РМИ ВКД ҶТ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дипломи Қаҳҳорова Чаман Абдурашидовна, рақами ДТО 0034713, ки Академияи Вазорати корҳои дохилӣ соли 2008 додааст, бо сабаби гум шуданаш, аз эътибор соқит дониста шавад.

►Патенти соҳибкори инфиродӣ ба номи Абдуллоева Шахрзода Саъдуллоевна, РМА: 046147605, ки соли 2016 дар Нозироти андози ноҳияи Фирдавсӣ ба расмият дароварда шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

►Шаҳодатнома бо шартномаи махсус 0230007169, ки ба номи Хайридинова Насрина Нуридиновна дода шудааст, беэътибор дониста шавад.

►Сертификати ҳуқуқи истифодаи замин, Дараҷаи А №0424384, рақами қайд №30267, рақами ягонаи кадастрии қитъаи замин 007-002-000226-01 заминистифодабаранда (субъекти ҳуқуқ) Ҷамъияти дорои масъулияташ маҳдуди "Рушди Осиё", ҷамоати шаҳраки Мирзо Турсунзода, ки санаи 7-уми феврали соли 2014 аз ҷониби Кумитаи заминсозии ноҳияи Рӯдакӣ ба заминистифодабаранда дода шудааст, бо сабаби гум шуданаш эътибор надорад.

►Сертификати ҳуқуқи истифодаи замин, Дараҷаи А №0424383, рақами қайд №30266, рақами ягонаи кадастрии қитъаи замин 007-002-000225-01 заминистифодабаранда (субъекти ҳуқуқ) Ҷамъияти дорои масъулияташ маҳдуди "Рушди Осиё", ҷамоати шаҳраки Мирзо Турсунзода, ки санаи 7 феврали 2014 аз ҷониби Кумитаи заминсозии ноҳияи Рӯдакӣ ба заминистифодабаранда дода шудааст, бо сабаби гум шуданаш эътибор надорад.

►Шартномаи хариду фурӯши квартира таҳти феҳрасти 8Д-1930, ки аз санаи 09.09.1992 дар Идораи нотариалии давлатии н. Фрунзе (ҳозира Сино) ба номи Саидова Рахима бо суроғаи кӯчаи Тунис, хонаи 1/7 ҳ. 9 ба расмият дароварда шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

►Аттестати синфи 9А №140092 ба номи Саидова Наргис Гульмурадовна, ки соли 1993 аз ҷониби мактаби №74 (ҳозира Гимназия №74)-и ш. Душанбе дода шудааст, беэътибор дониста шавад.

► Аттестати гумшудаи №111920 ба номи Мачидова Бунавша Идиева, ки соли таҳсили 1991-1992 аз ҷониби мактаби рақами 7-и ноҳияи Нуробод дода шудааст, эътибор надорад.

►Ҳуҷҷати хариду фурӯш аз 15.10.1992, дафтари ҳавлӣ, шиносномаи техникӣ ба номи Комилов Валичон Гуломович, бо суроғаи кӯчаи Н. Ҳувайдуллоев, бинои 139 х 21 беэътибор дониста шавад.

►Нусхаи хариду фурӯши хона, дафтари ҳавлӣ, шиносномаи техникӣ ба номи Хомидов Аслиддин Маизович, кӯчаи М. Шерализода (пешина Федина) бинои 8/2, ҳуҷраи 16 беэътибор дониста шавад.

►Шиносномаи техникӣ ва шартномаи хариду фурӯши ҳиссаи хонаи истиқоматӣ таҳти феҳрасти 1Ш-89 аз 27.01.2015, ки аз тарафи Идораи нотариалии давлатии н. И. Сомонии ш. Душанбе ба номи Обилов Тиллобек Ҷурахонович бо суроғаи ш. Душанбе, кӯчаи Саҳбо, хонаи 702 дода шудааст, бинобар сабаби гум шуданашон беэътибор дониста шаванд.

►Шаҳодатномаи ҳуқуқ ба мерос аз рӯи қонун таҳти феҳрасти 4М-138, кори меросии 307/2021, ки санаи 19.04.2022 аз тарафи Идораи нотариалии давлатии н. Исмоили Сомонии ш. Душанбе ба номи Ниёзов Алимардон Саидович бо суроғаи ш. Душанбе, 4-ум гузаргоҳи кӯчаи Қ. Раҳимов (пешинааш Телман, хонаи 49) ба расмият дароварда шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.


►Шартнома дар бораи ройгон супоридани мағоза, ки аз тарафи Саридораи нотариалии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Ҷаборов Ғафор Бобишоевич аз 14-уми феврали соли 2000, таҳти феҳрасти 12Д-14 нисбат ба мағозаи воқеъ дар шаҳри Душанбе, кӯчаи Қ. Киром (собиқ Привокзальная) дода шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

►Дипломи №0085374 ба номи Ҷаборов Далерҷон Абдуҷалолович, ки 14.06.2017 аз ҷониби Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмат дода шудааст, бо сабаби гум шуданаш эътибор надорад.

БАРҲАМ МЕХУРАД

►Кооперативи тиҷоратии "Назарали", РЯМ: 3310000898, фаъолияташро қатъ менамояд. Ҳамаи арзу шикоятҳо муддати 2 моҳ қабул карда мешаванд.


►ҶДММ «Пайкар-80», №0256977, РЯМ: 0310012533, РМА: 030023404 фаъолияташро қатъ менамояд. Ҳамаи арзу шикоятҳо муддати 2 моҳ қабул карда мешаванд.



НАМОИШ-ФУРӮШИ
МАҲСУЛОТИ ХӮРОКА, МОЛҲО БАРОИ ХОНА ВА ХИЗМАТРАСОНИҲОИ ГУНОГУН
2, 3, 4 - УМИ НОЯБР ДАР
КОХИ БОРБАД
ДАРОМАДАН ОЗОД!
ТАМҒАИ ГИСАНДИДАН ТОҶИКИСТОН 2023
Ташкилкунанда:
Сарпарасти кулл:
Шарикони расмӣ:
Шарики лоиҳа:
Иштирокчиён:
Шарикони иттилоотӣ:
БО СИФАТ ВА АРЗОН



СКАНВОРД



Кӯчаи якумини Маскав
Am - унсури кимиёвӣ
Айвон, шипанг.
Ҳайкал, муҷассама
Падруд, хайрухуш
Аз ин ... аз он монда
Пурра, комил.
In - унсури кимиёвӣ
Давлат дар Африқо
... –Ланка
Ҳолат
... -Франсиско, шаҳр дар Калифорния
Ларзиш, ҷунбиш
Ҳавои софу беғубор
Собиқ пойтахти Олмон
Саб-за.
Масти ...
Шаҳр дар дарёи Енисей.
Олуфтаи гузаро
Ҳаким.
Қаҳрамони латифаҳо.
Навъи либос
Кассиус Клей
Муассисаи молиявӣ
Гиёҳи бисёрсолаи ботлоқӣ
Комиссар ... аз "Ҳаштпо"
Хавф, бим, ваҳм
Аксгиранда.
... Мартан, шаҳр дар Чеченистон.
Нашриёти "Шарқи ...".
Ромит, Варзоб, Камароб
Зодгоҳи К. Маркс.
Аломат, асар
Аморати Муттаҳидаи Араб (мухт.)
Ёдгории меъморӣ дар Фаронса
Ҷои табобату истироҳат дар вақти рухсатӣ
Ҳарфи ҳаштуми арабӣ.
Навъи шим.
Ҷазира дар Океания
Дарахти мевагӣ, доруи дил
Ҳайвони ширхӯри дарранда.
Микки ... , ҳунарманди Ҳолливуд
Асар
Зарраи заряднок.
Муқобили нарав
Намуди варзиш
Шохоби чапи дарёи Муррей

Беақл

Асрор ба Ҳалим мегӯяд:

- Шунидам, ки тағоят аз ақл бегона шудааст ба ту 10 ҳазор доллар туҳфа кардааст?

- Аз афташ ҳамин тавр, ҳангоми солим будан ин корро ба ҳеҷ вақҳ намекард.

Асрор:

- Ҷӯрачон, як ҳазорашро ба ман қарз намедиҳӣ?

Ҳалим:

- Ту гапи маро дуруст гӯш накардӣ чӣ? Тағоям аз ақл бегона шудааст, худам не ку!

Доруи хоб

Дар дорухона:

- Шумо доруи хоб доред?

- Дорем.

- Чанд пул?

- 500 сомонӣ.

- 500 сомонӣ?! Агар ман бо ин нарх доруи хоб гирам, умуман дигар хобам намебарад!

Чоркунҷа

Муаллима аз хонанда мепурсад:

- Замин чӣ гуна шакл дорад?

Хонанда:

- Даврашакл, муаллима.

- Инро чӣ гуна исбот мекунӣ?,- мепурсад муаллима.

Хонанда:

- Бигзор замин чоркунҷа бошад, ман истодагарӣ намекунам, муаллима.

Заргар

Дар назди заргар:

- Усто, дар гарданбанди тиллоӣ нависед, ки “Ба Дилбар, аз номи Азиз”.

Заргари куҳансол мегӯяд:

- Бехтараш “Аз номи Азиз” кифоя аст, кӣ медонад фардо чӣ гап мешавад...

Таъриф

Се мард занҳои худро таъриф мекунанд:

- Санавбари ман ба дарачае ба дасту панҷа аст, ки дирӯз пиёларо шикастам, онро чунон ширеш кард, ки шикастанашро намефаҳмӣ, ана худатон бинед!

- Ман боре шимамро дарондам, Гулчеҳраи ман онро чунон дӯхт, ки тамоман номаълум шуд, ана худатон бинед!,- лоф мезанад марди дуюм.

Марди сеюм мегӯяд:

- Зани ман бошад, куртаамро чунон мешӯяд, ки гӯё тамоман нашуста бошад, ана худатон бинед!

Қарз

Падар ба духтараш мегӯяд:

- Духтарҷон, хостгории Асрорро қабул кун. Ӯ воқеан туро дӯст медорад.

- Дӯст доштанашро аз кучо медонӣ, дада?

- Ман як сол аст, ки аз ӯ пул қарз мегирам, вале боз ба хонаамон меояд.

Доно

Мурод:

- Сафия, ту бонуи орзуҳои ман ҳастӣ! Зебо, замонавӣ, хушчақчақ!...

София:

- Мурод, ту маро ба бистар кашиданӣ ҳастӣ?

Мурод:


- ...Ту боз доно ҳам ҳастӣ!

Таҳияи Н.РАҶАБОВА



РАССОМ ХАЙРУЛЛО ДАВЛАТОВ

Сканворд



Барқ надорем, электромобил дорем.

Аз мошине фаромадам, ки бо барқ ҳаракат мекард. Як дӯстам маро дида, пурсид:

- Аз кучо омадед ва боз бо электромобил?

Гуфтам:

- Аз Панҷакент омадам, Панҷакент, дӯстам.

- О, дар шаҳру деҳоти Панҷакент барқ нест, ки телефонҳои мардум нерӯ гирад, шумо ин мошинро чӣ тавр ба заряд мондед?, - гуфт бо ханда.

- Воқеан рост мегӯӣ,- гуфтам суханашро тасдиқ карда.- Барқ надорему ин қадар электромобилҳоро ворид карда истодаанд. Оқибаташ чӣ мешуда бошад?

- Чӣ ҳам мешуд?, -гуфт бо табассум.- Бурд бурди генераторфурӯшҳо мешавад. Ҳар электромобилдори деҳот боз як генератор харида, дар бағоҷ нигоҳ медорад ва ҳар вақт ки зарур шуд, мошинашро ба заряд мемонад.

Ӯро ситоиш карда гуфтам:

-Ана инро калла мегӯянд. Ба як тир ду нишон гӯ. Бо ман гумон карда будам, ки оқибати ин мошинҳо ҳам мисли компютерҳои мактабҳо мешавад, ё ронандаҳои ин навъи мошинҳо ба таври мавсимӣ кор мекунанд.

Сулҳ не, ҷанг...

Ҷавони ошиқе ба ман мурочат карда, гуфт:

- Устод, умри шумо ба ҷое расидаву талхиву ширинии рӯзгорро чашидаед. Мехоҳам аз шумо маслиҳате пурсам.

Гуфтам:

- Бипурс.

- Чанд рӯз аст, ки бонуям бо ман қаҳрӣ аст,- гуфт бо ноумедӣ.- На хушомад таъсир мекунад ба ӯву на илтиҷо. Намедонам чӣ кор кунам. Роҳе нишон диҳед, ки миёни мо сулҳ шаваду оштӣ кунем.

- Агар ман бо истифода аз тачрибаи худам ба ту маслиҳат диҳам, тибқи он амал мекунӣ?,- пурсидам бо кунчковӣ.

- Албатта иҷро мекунам,- гуфт бо дипурӣ.- Вагарна чаро муроҷиат кардам?

- Ту медонӣ, ки бонуҳо хушомаду оштиро дӯст намедоранд?,- гуфтаму илова кардам:

- Ту бехтараш бо ӯ ҷанг кун, ҷанг. Ана баъд сулҳ ҳам мешавад.

- Чӣ хел ҷанг кунам?,- ҳайрон шуда пурсид.

- Шуруъ кун аз лабҷанг,- гуфтам бо ханда,- лабҷанг.- Ана баъд сулҳи пойдор фаро мерасад.

Ҳолиқназар ҶУМЪАЗОДА